6. Муайян намудани доираи вариантҳои патогенӣ ва эҳтимолан патогенӣ дар генҳои марбут ба бемориҳои ирсии асабу мушакӣ ва арзёбии робитаҳои генотипию фенотипии онҳо.

7. Ҷамъбаст намудани маълумоти клиникӣ, клиникию генеалогӣ ва молекулавию генетикӣ, инчунин муайян кардани хусусиятҳои клиникию молекулавию генетикии бемориҳои ирсии асабу мушакӣ дар популятсияи тоҷикон.

Объекти таҳқиқот

Объекти таҳқиқот бемориҳои ирсии асабу мушакӣ (БИАМ) дар беморони популятсияи тоҷикон, аз ҷумла ДМП, НИҲҲ, АМС, сМ ва МИ мебошанд.

Интихоби объекти таҳқиқот ба гуногуншаклии клиникӣ ва генетикии БИАМ, мавҷудияти ҳолатҳои оилавии ин бемориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нокифоя будани маълумоти муназзам оид ба доираи молекулавию генетикии онҳо бо дарназардошти хусусиятҳои этногеографии аҳолӣ вобаста мебошад.

Мавзуи таҳқиқот

Мавзуи (предмети) таҳқиқот фенотипҳои клиникӣ, намудҳои ирсият ва вариантҳои молекулавию генетикии ошкоршудаи БИАМ дар беморони муоинашудаи популятсияи тоҷикон мебошанд. Ҳамчунин, робитаи байни тағйироти генетикии муайяншуда, зуҳуроти клиникӣ ва хусусиятҳои ҷараёни бемориҳо баррасӣ карда мешавад.

Дар доираи таҳқиқот хусусиятҳои тақсимоти шаклҳои гуногуни БИАМ бо дарназардошти собиқаи оилавӣ, хусусияти ирсият ва омилҳои этногеографӣ омӯхта мешаванд.

Таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили вариантҳои патогенӣ ва эҳтимолан патогенӣ дар генҳои DMD, PMP22, SMN1/SMN2, CAPN3, CLCN1, SCN4A, GAA ва дигар генҳо, инчунин арзёбии робитаи онҳо бо синни оғози беморӣ, дараҷаи вазнинӣ ва хусусиятҳои ҷараёни клиникии он равона карда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал таҳқиқоти клиникию молекулавию генетикии БИАМ ҳамзамон дар якчанд гурӯҳи бемориҳо —

дистрофияҳои мушакии афзоянда, невропатияҳои ирсии ҳаракатию ҳиссӣ, атрофияҳои мушакии ҳароммағзӣ, синдромҳои миотонӣ ва ихтилолҳои ирсии интиқоли асабу мушакӣ гузаронида шудааст.

Доираи вариантҳои генетикии ошкоршуда, аз ҷумла вариантҳои нодир, тавсиф гардида, гуногуншаклии генетикии БИАМ дар намояндагони муоинашудаи популятсияи тоҷикон нишон дода шудааст.

Робитаи байни генотип ва зуҳуроти клиникии беморӣ омӯхта шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти молекулавию генетикӣ бо маълумоти клиникӣ муқоиса гардида, имконият фароҳам оварда шудааст, ки дараҷаи тағйирпазирии фенотип ҳангоми ихтилолҳои гуногуни генетикӣ арзёбӣ карда шавад.

Аҳаммияти истифодаи ҳамзамони маълумоти клиникӣ, собиқаи оилавӣ, электронейромиография, таҳқиқоти озмоишгоҳӣ ва санҷишҳои молекулавию генетикӣ дар ташхиси беморони гирифтори БИАМ мушаххас карда шудааст.

Ҷамъшавии ҳолатҳои беморӣ дар оилаҳо ва хусусиятҳои ирсияти БИАМ дар беморони муоинашуда тавсиф гардидаанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз васеъ намудани тасаввуроти илмӣ оид ба доираи хусусиятҳои клиникӣ ва молекулавию генетикии БИАМ дар популятсияи тоҷикон иборат мебошад.

Хусусиятҳои зуҳуроти клиникӣ, ирсият ва гуногуншаклии генетикии ДМП, НИҲҲ, АМС, сМ ва МИ омӯхта шудаанд. Истифодаи усулҳои NGS, MLPA ва WES имкон фароҳам овард, ки вариантҳои генетикӣ ошкор гардида, робитаи онҳо бо зуҳуроти клиникии БИАМ муайян карда шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз асоснок намудани муносибати маҷмуии ташхисӣ иборат мебошад, ки арзёбии клиникӣ, таҳлили собиқаи оилавӣ, ЭНМГ, таҳқиқоти биохимиявӣ ва тасдиқи молекулавию генетикии ташхисро дар бар мегирад.

Маълумоти бадастомада метавонад барои такмили ташхиси БИАМ ва машварати тиббию генетикии оилаҳо, инчунин ташкили феҳристи миллии беморон ва омӯзиши минбаъдаи хусусиятҳои клиникию генетикии БИАМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда

1. Муайян карда шудааст, ки бемориҳои ирсии асабу мушакӣ дар популятсияи тоҷикон бо гуногуншаклии назарраси клиникӣ тавсиф мешаванд. Ин гуногуншаклӣ дар фарқияти вариантҳои фенотипӣ, синни оғози беморӣ, хусусиятҳои зуҳуроти клиникӣ, суръати пешравии беморӣ ва сохтори шаклҳои асосии нозологӣ зоҳир мегардад, ки зарурати истифодаи муносибати тафриқавиро дар раванди ташхис муайян менамояд.

2. Исбот карда шудааст, ки дар сохтори ирсияти бемориҳои ирсии асабу мушакӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои аутосомӣ-ретсессивӣ бартарӣ дошта, ҷамъшавии оилавии ҳолатҳои беморӣ ва хусусиятҳои этногеографии популятсия нақши муҳим доранд. Ин омилҳо паҳншавии шаклҳои гуногуни патологияи ирсии асабу мушакӣ ва хусусиятҳои зуҳуроти клиникии онҳоро муайян мекунанд.

3. Асоснок карда шудааст, ки арзёбии маҷмуии зуҳуроти клиникӣ, натиҷаҳои электронейромиография, электромиографияи сӯзанӣ, нишондиҳандаҳои озмоишгоҳӣ ва таҳқиқоти молекулавию генетикӣ дақиқии баланди ташхисиро ҳангоми ташхиси тафриқавии бемориҳои

ирсии асабу мушакӣ таъмин менамояд. Ин муносибат имкон медиҳад, ки вариантҳои миопатӣ, нейропатӣ ва синапсии осеби системаи асабу мушакӣ ба таври объективӣ аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.

4. Бори аввал хусусиятҳои доираи молекулавию генетикии бемориҳои ирсии асабу мушакӣ дар популятсияи тоҷикон муайян карда шудаанд. Ин доира бо гуногуншаклии баланди генетикӣ ва маҷмуи васеи вариантҳои патогенӣ ва эҳтимолан патогенӣ дар генҳои DMD, SMN1/SMN2, PMP22, CAPN3, CLCN1, SCN4A, GAA ва дигар генҳо тавсиф мешавад, ки хусусиятҳои сохтори молекулавии патологияи ирсии асабу мушакиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд.

5. Исбот карда шудааст, ки зуҳуроти клиникии бемориҳои ирсии асабу мушакӣ на танҳо аз хусусияти варианти патогенӣ, балки аз таъсири мутақобилаи омилҳои генетикӣ, синнусолӣ, эпигенетикӣ ва муҳити беруна вобаста мебошад. Муайян карда шудааст, ки фенотипҳои клиникии ба ҳам монанд метавонанд дар натиҷаи механизмҳои гуногуни молекулавию генетикии беморӣ ташаккул ёбанд, дар ҳоле ки вариантҳои патогении якхела метавонанд бо тағйирпазирии назарраси фенотипӣ ҳамроҳ бошанд. Ин ҳолат зарурати тафсири ҳатмии маҷмуии клиникии натиҷаҳои таҳқиқоти молекулавию генетикиро ҳангоми ташхиси бемориҳои ирсии асабу мушакӣ асоснок менамояд.

6. Консепсияи ташхиси маҷмуии клиникию молекулавию генетикии бемориҳои ирсии асабу мушакӣ таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Асоси консепсияи мазкурро ҳамгироии пайдарпайи маълумоти клиникӣ, клиникию генеалогӣ, электрофизиологӣ, озмоишгоҳӣ ва молекулавию генетикӣ ташкил медиҳад. Бар хилофи муносибати анъанавии синдромологӣ, дар

консепсияи пешниҳодшуда тасдиқи молекулавии ташхис на ҳамчун марҳилаи ниҳоии раванди ташхис, балки ҳамчун ҷузъи ҳамгирокунандаи низоми ягонаи таҳлили клиникӣ баррасӣ мегардад. Ин муносибат имкон медиҳад, ки робитаҳои байни генотип ва фенотип ба таври инфиродӣ тафсир карда шуда, самаранокии ташхиси бармаҳал баланд бардошта шавад, сифати машварати тиббию генетикӣ такмил ёбад ва зарурати ташкили феҳристи миллии беморони гирифтори бемориҳои ирсии асабу мушакӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо

Эътимоднокии натиҷаҳои пешниҳодшуда бо хусусиятҳои гурӯҳи муоинашуда, пайдарпайии расмиёти ташхисӣ ва усулҳои истифодашудаи клиникӣ ва молекулавию генетикӣ муайян карда мешавад. Дар ин маврид такрорпазирии раванди муоинаи тавсифшуда ва мувофиқати натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти муҳим доранд. Ҳангоми тафсири натиҷаҳо маҳдудиятҳои гурӯҳи интихобии клиникӣ бояд ба назар гирифта шаванд.

Ба таҳқиқот 200 нафар бемор аз 75 оила, ки дорои шаклҳои гуногуни клиникии бемориҳои ирсии асабу мушакӣ (БИАМ) буда, дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекарданд, дохил карда шуданд. Маводи ҷамъоваришуда имкон дод, ки таркиби нозологии гурӯҳи клиникӣ, вазъи ирсии оилавӣ, намудҳои эҳтимолии ирсият ва натиҷаҳои таҳқиқоти генетикӣ тавсиф карда шаванд. Ҳангоми тафсири фарқиятҳои минтақавӣ тарзи ташаккули гурӯҳи интихобии беморон бояд ба назар гирифта шавад.

Эътимоднокии маълумоти клиникӣ тавассути истифодаи алгоритми ягонаи ташхисӣ таъмин гардид, ки таҳлили анамнези оилавӣ бо тартиб додани насабномаҳо, арзёбии вазъи неврологӣ, тавсифи фенотипҳои клиникӣ, муайян намудани дараҷаи ихтилолҳои функсионалӣ, гузаронидани электронейромиография (ЭНМГ) ва таҳқиқи маркерҳои биохимиявии осеби мушакҳоро дар бар мегирифт.

Сатҳи баланди тасдиқи натиҷаҳои бадастомада тавассути истифодаи усулҳои муосири таҳлили молекулавию генетикӣ, аз ҷумла NGS, MLPA ва РЗП таъмин карда шуд. Истифодаи ин усулҳо имкон дод, ки доираи вариантҳои генетикии бо ДМП, НИҲҲ, АМС, См ва МИ алоқаманд муайян гардида, инчунин робитаи байни тағйироти молекулавии ошкоршуда ва хусусиятҳои ҷараёни клиникии беморӣ таҳлил карда шавад.

Тафсири вариантҳои генетикии ошкоршуда бо дарназардошти тасаввуроти муосир оид ба патогении мутатсияҳо, таҳлили робитаҳои байни генотип ва фенотип, инчунин муқоисаи маълумоти бадастомада бо натиҷаҳои таҳқиқоти байналмилалӣ дар соҳаи бемориҳои ирсии асабу мушакӣ анҷом дода шуд.

Коркарди натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз усулҳои муосири таҳлили оморӣ анҷом дода шуд, ки имкон фароҳам овард, то қонуниятҳои ошкоршуда ба таври объективӣ арзёбӣ гардида, аҳаммияти фарқиятҳои бадастомада муайян карда шавад ва робитаи байни нишондиҳандаҳои клиникӣ, генетикӣ ва озмоишгоҳӣ тасдиқ гардад.

Натиҷаҳои бадастомада бо тасаввуроти муосир оид ба механизмҳои молекулавии рушди бемориҳои ирсии асабу мушакӣ мувофиқат дошта, ҳамзамон тавассути тавсифи популятсияи тоҷикистонӣ, ки то имрӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст, маълумоти мавҷударо васеъ менамоянд. Маҷмуияти усулҳои истифодашуда, тасдиқи молекулавии ташхис ва коркарди омории мавод эътимоднокӣ ва асоснокии илмии натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин мекунанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Рисолаи диссертатсионии «Хусусиятҳои клиникию молекулавию генетикии бемориҳои ирсии асабу мушакӣ дар аҳолии Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисоси илмии 3.1.11. Неврология (илмҳои тиббӣ), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат менамояд.

Таҳқиқот ба формулаи ихтисоси мазкур мувофиқ буда, омӯзиши этиология, патогенез, эпидемиология, генетика, ихтилолҳои клиникӣ, биохимиявӣ ва электрофизиологӣ ҳангоми бемориҳои системаи асаби марказӣ ва канорӣ, инчунин таҳияи усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии онҳоро дар бар мегирад.

Рисола ба омӯзиши ҳамаҷонибаи БИАМ бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти клиникӣ, электрофизиологӣ ва молекулавию генетикӣ бахшида шудааст.

Мазмуни таҳқиқот ба самтҳои зерини шиносномаи ихтисоси 3.1.11. Неврология мутобиқат менамояд: банди 1 - омӯзиши эпидемиологияи бемориҳои системаи асаби канорӣ; банди 2 - таҳқиқи сабабҳо ва механизмҳои инкишофи онҳо; бандҳои 3 ва 4 - такмили меъёрҳои клиникию ташхисӣ ва таҳияи муносибатҳои муосир барои ошкор

намудани бемориҳо; банди 7 - таҳияи муносибатҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда барои пешгирии бемориҳои ирсии системаи асаб тавассути ташхиси бармаҳал ва машварати тиббию генетикӣ.

Ҳамин тариқ, рисолаи диссертатсионӣ ба формула ва самтҳои таҳқиқотии ихтисоси илмии 3.1.11. Неврология пурра мутобиқат мекунад.

Натиҷаҳои бадастомада тасаввуроти муосирро оид ба хусусиятҳои клиникию молекулавию генетикии БИАМ дар популятсияи тоҷикон васеъ намуда, барои такмили ташхис, машварати тиббию генетикӣ ва ёрии махсусгардонидашудаи неврологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Муаллиф консепсияи илмии таҳқиқоти диссертатсиониро мустақилона таҳия намуда, мақсад ва вазифаҳои онро муайян кардааст, тарҳи таҳқиқотро ташаккул дода, муносибати маҷмуии методологиро, ки ба омӯзиши хусусиятҳои клиникию молекулавию генетикии БИАМ-ро дар популятсияи тоҷикон равона шудааст, интихоб намудааст.

Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои иҷрои таҳқиқот бевосита иштирок намуда, аз ташаккули гурӯҳи клиникии беморон, ташкили муоинаи оилаҳо аз минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъоварии маълумоти анамнезӣ ва генеалогӣ то гузаронидани арзёбии клиникию неврологӣ, таҳлили хусусиятҳои фенотипӣ ва ба низом даровардани натиҷаҳои бадастомада саҳми бевосита гузоштааст.

Муаллиф шахсан муоинаи клиникии беморони гирифтори шаклҳои гуногуни БИАМ, аз ҷумла ДМП, НИҲҲ, АМС, См ва МИ-ро анҷом додааст. Таҳлили вазъи ирсии оилавӣ, тартиб додан ва тафсири

насабномаҳо, муайян намудани хусусияти ирсият ва интихоби беморон барои гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаи молекулавию генетикӣ аз ҷониби муаллиф иҷро карда шудаанд.

Муаллиф ҷамъоварии маводи биологӣ ва гузаронидани ташхиси ДНК-ро бо истифода аз усулҳои муосири таҳлили молекулавӣ, аз ҷумла NGS, MLPA ва РЗП ташкил намудааст. Тафсири клиникии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти генетикӣ бо арзёбии вариантҳои ошкоршуда ва таҳлили робитаи онҳо бо зуҳуроти клиникии беморӣ аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудааст.

Муаллиф мустақилона ба низом даровардани махзани маълумот, таҳлили натиҷаҳои клиникӣ, электрофизиологӣ, биохимиявӣ ва молекулавию генетикии бадастомада, инчунин арзёбии робитаҳои байни генотип ва фенотипро дар беморони гирифтори БИАМ анҷом додааст.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф хусусиятҳои спектри клиникӣ ва сохтори молекулавию генетикии БИАМ-ро дар популятсияи тоҷикон муайян намуда, вариантҳои нодири генетикиро ошкор кардааст ва заминаҳои илмиро барои таъсиси феҳристи миллии бемориҳои ирсии асабу мушакӣ, такмили ташхиси бармаҳал ва рушди машварати тиббию генетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардааст.

Муаллиф маълумоти муосири илмии ватанӣ ва хориҷиро таҳлил намуда, натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст кардааст, муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии кори диссертатсиониро таҳия ва баён намудааст.

Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои диссертатсия

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот 10 декабри соли 2021 дар шаҳри Тошканд, дар конференсияи ҳарсолаи Донишкадаи тиббии педиатрии Тошканд таҳти унвони «Хонишҳои маҷидовӣ», дар бахши «Масъалаҳои мубрами неврология» маъруза ва муҳокима карда шуданд. Соли 2022 маводи таҳқиқот дар ҷаласаи ҷамъияти неврологҳои «Нейрон» дар мавзуи «Тасаввуроти муосир оид ба генетикаи тиббӣ» пешниҳод гардид. Моҳи феврали ҳамон сол муаллиф дар шаҳри Лондон (Британияи Кабир) курси омӯзиширо оид ба нейрогенетика хатм намуд. Соли 2023 омӯзиш дар шакли курси фосилавӣ оид ба нейрогенетика идома ёфт (моҳи январ, шаҳри Санта-Роза, Аргентина). Соли 2024 натиҷаҳои таҳқиқот 1 ноябр дар Симпозиуми неврологҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Усулҳои муосири ташхис ва табобати бемориҳои системаи асаб» муаррифӣ гардиданд. Дар доираи бахши «Бемориҳои нейрогенетикӣ дар популятсияи тоҷикон» маъруза пешниҳод карда шуд. Илова бар ин, 3 майи соли 2024 муаллиф дар конференсияи илмию амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» бо иштироки байналмилалӣ таҳти унвони «Ҷавонон ва навовариҳои тиббӣ - 2024» ба ҳайси коршиноси бахши «Неврология» иштирок намуд. Соли 2025 маърузаи Ғанизода М.Т. дар мавзуи «Бемориҳои ирсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Форуми III неврологҳои Осиёи Марказӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами неврологияи клиникӣ ва нейрореабилитология», ки аз 28 феврал то 1 марти соли 2025 дар шаҳри Алматои Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, пешниҳод карда шуд.

Чор пешниҳоди ратсионализаторӣ ба қайд гирифта шудаанд: 1.«Усули истифодаи плазмаферез дар табобати маҷмуии

полиневропатияҳои дизиммунӣ» - рақами бақайдгирӣ 3448/R836 (соли 2022). 2.«Истифодаи вояҳои баланди иммуноглобулин ҳангоми полиневропатияҳои дизиммунӣ» - рақами бақайдгирӣ 3449/R837 (соли 2022). 3. «Ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар ташхис ва табобати бемориҳои ирсии асабу мушак» - рақами бақайдгирӣ № 3607/R-1095 (соли 2024). 4. «Усули таҳияи барномаҳои ҳамгироёна оид ба идоракунии бемориҳои ирсии асабу мушак» - рақами бақайдгирӣ № 3608/R-1096 (соли 2024). Ду санади татбиқ ба раванди таълим ва як санади татбиқ ба амалияи табобатӣ ворид карда шуданд. Тасвиби таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи комиссияи проблемавии байни кафедраҳо оид ба фанҳои терапевтии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (шаҳри Душанбе, 18 июни соли 2026) баргузор гардид (суратҷаласаи № 36).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 27 кори илмӣ нашр гардидааст, ки аз онҳо 14 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия, ки барои нашри натиҷаҳои асосии диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои тиббӣ тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, дастури методӣ (Душанбе, соли 2020) ва монография (Душанбе, соли 2025) дар мавзуи «Бемориҳои асабу мушак» барои табибон, аспирантон, ординаторон ва интернҳои клиникӣ нашр гардидаанд. Ин нашрияҳо аз ҷониби шурои таълимию методии факултети тиббии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» тавсия шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия

Диссертатсия дар ҳаҷми 312 саҳифаи матни компютерӣ (ҳуруфи Times New Roman, андозаи 14, фосилаи байнисатрӣ - 1,5) таҳия гардида, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, мавод ва усулҳои таҳқиқот, чор боб, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мустақими муаллиф ва баррасии натиҷаҳои таҳқиқотро дар бар мегиранд, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия ва замимаҳо иборат мебошад. Диссертатсия бо 43 ҷадвал ва 8 расм муҷаҳҳаз гардидааст. Рӯйхати адабиёт 317 сарчашмаро дар бар мегирад, ки аз онҳо 85 сарчашма ба муаллифони ватанӣ ва кишварҳои ИДМ ва 232 сарчашма ба муаллифони хориҷӣ тааллуқ доранд.

МУҲТАВОИ ТАҲҚИҚОТ

Мавод ва усулҳои таҳқиқот

Таҳқиқот дар кафедраи неврологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» анҷом дода шудааст. Ба таҳқиқот 200 нафар бемори гирифтори БИАМ аз 75 оила, ки синну соли онҳо аз 1 то 60 солро ташкил медод, фаро гирифта шуданд. Тарҳи таҳқиқот хусусияти ретроспективию проспективии клиникию молекулавию генетикӣ дошт.

Беморон аз рӯйи гурӯҳҳои нозологӣ ба таври зерин тақсим карда шуданд: ДМП — 90 нафар (45,0%), НИҲҲ — 82 нафар (41,0%), АМС — 11 нафар (5,5%), См — 7 нафар (3,5%) ва МИ — 10 нафар (5,0%). Беморони гирифтори ДМП ва НИҲҲ дар маҷмуъ 86,0%-и гурӯҳи таҳқиқшавандаро ташкил доданд (172 нафар).

Ҳангоми таҳқиқот синни оғози беморӣ, хусусияти заъфи мушакӣ, ихтилолҳои ҳаракат, атрофияҳо, контрактураҳо ва деформатсияҳо

арзёбӣ карда шуданд. Анамнези оилавӣ омӯхта шуда, таърихи оила то се насл таҳлил гардид, ҳолатҳои такрори беморӣ ва никоҳҳои хешутаборӣ ба назар гирифта шуданд. Навъи эҳтимолии ирсият: аутосомӣ-доминантӣ, аутосомӣ-ретсессивӣ ё Х-пайваст муайян карда шуд. Ба таҳқиқот беморони дорои осебҳои ғайриирсии системаи асабу мушак, маълумоти нокифояи клиникӣ, бемориҳои вазнини ҳамроҳ, инчунин шахсоне, ки розигии огоҳонаро барои иштирок дар таҳқиқот пешниҳод накарда буданд, дохил карда нашуданд.

Усулҳои инструменталӣ ва озмоишгоҳии таҳқиқот**.** ЭНМГ ва ЭМГ-и сузанӣ барои арзёбии гузариши импулсҳо тавассути асабҳои канорӣ ва муайян намудани аломатҳои осеби миопатӣ ё нейрогенӣ истифода шуданд. Фаъолнокии креатинфосфокиназа (КФК) ва лактатдегидрогеназа (ЛДГ) муайян карда шуд. Ҳолати системаи дилу рагҳо ва системаи нафаскашӣ аз рӯйи натиҷаҳои электрокардиография (ЭКГ), эхокардиография (ЭхоКГ) ва таҳқиқи фаъолияти нафаскашии беруна арзёбӣ гардид.

Таҳқиқоти генетикӣ дар ҳамкорӣ бо озмоишгоҳи Лондон гузаронида шуд. Вобаста ба шакли эҳтимолии беморӣ усулҳои NGS, MLPA ва РЗП истифода гардиданд. Вариантҳои генетикии ошкоршуда бо зуҳуроти клиникӣ, собиқаи оилавӣ ва навъи эҳтимолии ирсият муқоиса карда шуданд.

Коркарди омории маълумот. Ҳангоми коркарди омории маълумот басомадҳои мутлақ ва нисбӣ ҳисоб карда шуда, нишондиҳандаҳои гурӯҳҳои гуногуни нозологӣ муқоиса гардиданд ва робитаҳои байни хусусиятҳои клиникӣ, озмоишгоҳӣ ва генетикӣ арзёбӣ карда шуданд. Усулҳои таҳлили оморӣ бо дарназардошти навъи маълумот интихоб

гардиданд. Сатҳи аҳаммияти оморӣ $p < 0,05$ муқаррар карда шуд. Ҳангоми муқоисаҳои сершумор ислоҳи Холм истифода гардид. Ҷанбаҳои ахлоқии таҳқиқот. Таҳқиқот бо риояи принсипҳои ахлоқии таҳқиқоти тиббӣ гузаронида шуд. Маълумоти шахсии беморон беном гардонида шуд. Иштирок дар таҳқиқот дар асоси розигии ихтиёрӣ ва огоҳонаи бемор ё намояндаи қонунии ӯ сурат гирифт.

НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Барои тавсифи клиникии гурӯҳи таҳқиқшаванда синни оғози беморӣ, ҷинс, хусусиятҳои ҷараёни беморӣ, собиқаи оилавӣ ва минтақаи истиқомати беморон таҳлил карда шуданд.Ҳангоми таҳлили генеалогӣ ҳолатҳои такрории беморӣ дар байни хешовандон ва мавҷудияти никоҳҳои хешутаборӣ ба таври алоҳида ба назар гирифта шуданд.

Беморони муоинашуда ба панҷ гурӯҳи клиникӣ тақсим гардиданд: ДМП, НИҲҲ, АМС, См ва МИ.

Шумораи бештари беморон ба гурӯҳҳои ДМП ва НИҲҲ рост омада, шаклҳои дигари беморӣ нисбатан камтар мушоҳида шуданд.

Аз 200 нафар бемори муоинашуда 90 нафар ба гурӯҳи ДМП, 82 нафар ба гурӯҳи НИҲҲ, 11 нафар ба гурӯҳи АМС, 7 нафар ба гурӯҳи См ва 10 нафар ба гурӯҳи МИ мансуб дониста шуданд.

Дар сохтори нозологии беморони муоинашуда ДМП ва НИҲҲ бартарӣ доштанд. АМС, МИ ва См ҳиссаи нисбатан ками мушоҳидаҳоро ташкил доданд.

Таносуби шаклҳои нозологӣ дар байни беморони муоинашуда дар расми 1 инъикос ёфтааст.

.



Расми 1. Сохтори шаклҳои асосии нозологии БИАМ дар байни беморони муоинашуда (%).

Синни оғози беморӣ аз 1 то 60 солро ташкил медод.

Дар аксарияти беморони муоинашуда беморӣ дар синни кӯдакӣ ё наврасӣ зоҳир гардидааст. Оғози БИАМ то синни 18-солагӣ дар 160 нафар (80,0%) ва баъд аз 18-солагӣ дар 40 нафар (20,0%) бемор ба қайд гирифта шуд.

Бештар беморӣ дар синни 6–11-солагӣ — дар 61 нафар (30,5%) оғоз ёфтааст. Дар гурӯҳи синнии 1–5-сола 52 ҳолат (26,0%) ва дар гурӯҳи 12–18-сола 47 ҳолат (23,5%) ба қайд гирифта шудааст. Оғози беморӣ дар синни 19–40-солагӣ дар 31 нафар (15,5%) ва дар синни 41–60-солагӣ дар 9 нафар (4,5%) мушоҳида гардид.

Дар 11 соли аввали ҳаёт беморӣ дар 113 нафар (56,5%) зоҳир гардидааст. Ҳангоми муттаҳид намудани гурӯҳҳои синнии то 18-сола (бо дарназардошти синни 18-солагӣ) шумораи мушоҳидаҳо 160 нафар (80,0%)-ро ташкил дод, дар ҳоле ки дар 40 нафар (20,0%) нишонаҳои аввалини беморӣ баъд аз 18-солагӣ пайдо шудаанд.

Тақсимоти синнусолии ҳамаи беморони муоинашуда аз рӯйи панҷ фосилаи синнӣ дар ҷадвали 1 пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 1. - Тақсимоти беморони гирифтори БИАМ аз рӯйи синни оғози беморӣ

Синни оғози беморӣ	Шумораи беморон (n=200)	Ҳисса (%)
1–5-солагӣ	52	26,0
6–11-солагӣ	61	30,5
12–18-солагӣ	47	23,5
19–40-солагӣ	31	15,5
41–60-солагӣ	9	4,5
Ҳамагӣ	**200**	**100,0**

Эзоҳ: n - шумораи мутлақи беморон; % аз шумораи умумии беморони гирифтори БИАМ ҳисоб карда шудааст

Оғози бармаҳалли беморӣ барои қисми назарраси беморони мавриди таҳқиқ хос буд: дар 113 нафар (56,5%) нишонаҳои аввалини беморӣ дар 11 соли аввали ҳаёт ва дар 160 нафар (80,0%) то синни 18-солагӣ (бо баҳисобгирии 18-солагӣ) пайдо шудаанд. Дар 40 нафар (20,0%) бемор зуҳуроти аввалини беморӣ баъд аз синни 18-солагӣ мушоҳида гардиданд.

Ҳангоми муқоисаи гурӯҳҳои беморони дорои оғози бармаҳалли беморӣ (≤18 сол) ва оғози беморӣ дар синни калонсолӣ (>18 сол) фарқияти аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок муайян карда шуд (χ^2=72,0; p<0,001).

Дар гурӯҳи намунаҳои таҳқиқшаванда бемориҳо бештар дар синни кӯдакӣ ва наврасӣ зоҳир гардидаанд.

Ҳиссаи бештари мушоҳидаҳо ба синни 6–11-солагӣ (30,5%) рост омада, баъдан гурӯҳҳои синнии 1–5-сола (26,0%) ва 12–18-сола (23,5%) ҷой гирифтаанд. Ин гурӯҳҳо дар маҷмуъ 80,0%-и беморонро фаро гирифтаанд. Ҳангоми оғози беморӣ дар синни 19–40-солагӣ ва 41–60-солагӣ ҳиссаи беморон мутаносибан 15,5% ва 4,5%-ро ташкил додааст.

Бартарии зуҳуроти бармаҳалли беморӣ хусусияти умумии гурӯҳи таҳқиқшавандаро инъикос менамояд, аммо синни оғози беморӣ дар шаклҳои гуногуни нозологӣ аз ҳамдигар фарқ мекард. Аз ин рӯ, барои тафсири клиникии натиҷаҳо таҳлили алоҳидаи гурӯҳҳои дахлдор зарур гардид.

Дар байни 200 бемор 118 нафар аз ҷинси мард (59,0%) ва 82 нафар аз ҷинси зан (41,0%) буд. Таносуби мардон ва занон 1,4:1-ро ташкил дод.

200 бемори муоинашуда бо БИАМ, ки аз манотиқи мухталифи ҶТ равона карда шуданд, ба сокинони шаҳрҳо ва сокинони деҳот тақсим гардиданд.

Сокинони деҳот 132 нафар (66,0%), шаҳриён 68 нафар (34,0%) буданд. Тавре дида мешавад, дар байни бемороне, ки барои муоина мурочиат намуданд, ҳиссаи аҳолии деҳот қариб ду маротиба бештар буд.

Ҷадвали 2. - Тақсимоти беморони гирифтори БИАМ вобаста ба маҳалли зист

Ҷойи истиқомат	**Шумораи беморон (n=200)**	**Ҳисса (%)**
Деҳот	132	66,0
Шаҳр	68	34,0
Ҳамагӣ	**200**	**100,0**

Эзоҳ**:** n - шумораи мутлақи беморон; нишондиҳандаҳои фоизӣ нисбат ба шумораи умумии беморони муоинашудаи гирифтори БИАМ ҳисоб карда шудаанд.

Таносуби мазкур танҳо таркиби беморони муоинашударо тавсиф менамояд. Барои арзёбии паҳншавии БИАМ дар байни тамоми аҳолии шаҳр ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти дахлдор оид ба шумораи умумии аҳолии ин гурӯҳҳо ва принсипи дигари ташаккули гурӯҳи интихобӣ зарур мебошад.

Тақсимоти ДМП, НИҲҲ, АМС, См ва МИ вобаста ба ҷойи истиқомат дар ҷадвали 3 пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 3. - Тақсимоти шаклҳои асосии БИАМ дар байни сокинони шаҳр ва деҳот

Шакли БИАМ	Ҳамагӣ (n)	Деҳот, n (%)	Шаҳр, n (%)
ДМП	90	63 (70,0%)	27 (30,0%)
НИҲҲ	82	52 (63,4%)	30 (36,6%)
СМА	11	8 (72,7%)	3 (27,3%)
См	7	4 (57,1%)	3 (42,9%)
НМ	10	5 (50,0%)	5 (50,0%)
Ҳамагӣ	200	132 (66,0%)	68 (34,0%)

Эзоҳ: нишондиҳандаҳои фоизӣ дар доираи ҳар як шакли нозологӣ ҳисоб карда шудаанд.

Дар байни беморони гирифтори ДМП сокинони деҳот 70,0% (63 нафар аз 90 нафар) ва сокинони шаҳр 30,0% (27 нафар)-ро ташкил доданд. Ҳангоми НИҲҲ ин таносуб мутаносибан 63,4% (52 нафар аз 82 нафар) ва 36,6% (30 нафар)-ро ташкил дод. Дар байни беморони гирифтори АМС 8 нафар аз 11 нафар (72,7%) ва дар гурӯҳи См 4 нафар аз 7 нафар (57,1%) дар деҳот истиқомат мекарданд. Дар гурӯҳи МИ шумораи сокинони деҳот ва шаҳр баробар буда, ҳар кадом 5 нафар (50,0%)-ро ташкил медод.

Дар маҷмуъ 132 нафар (66,0%) сокини деҳот ва 68 нафар (34,0%) сокини шаҳр муоина карда шуданд. Сарфи назар аз бартарии шумораи беморони сокини деҳот, робитаи аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок байни ҷойи истиқомат ва сохтори шаклҳои нозологӣ муайян карда нашуд (χ^2=2,49; df=4; p=0,646). Фарқияти шумораи умумии сокинони деҳот ва шаҳр аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок буд (χ^2=20,48; df=1; p<0,001), аммо ин натиҷа фарқияти басомади шаклҳои алоҳидаи БИАМ-ро дар байни ин гурӯҳҳои аҳолӣ тасдиқ намекунад.

Бартарии шумораи беморони сокини деҳот метавонист ба хусусиятҳои интихоби беморон, дастрасии ёрии махсусгардонидашудаи тиббӣ ва таркиби демографии минтақаҳо вобаста бошад. Маълумоти мавҷуда барои муайян намудани саҳми ҳар яке аз ин омилҳо нокифоя мебошад. Аз ин рӯ, таносуби бадастомада танҳо гурӯҳи беморони муоинашударо тавсиф намуда, барои

хулосабарорӣ оид ба паҳншавии БИАМ дар байни аҳолии шаҳр ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон асос шуда наметавонад.

Агрегатсияи оилавӣ (ҷамъшавии ҳолатҳои беморӣ дар оилаҳо) дар асоси таҳлили таърихи гузаштагон то наслҳои III–IV бо дарназардошти шумораи хешовандони гирифтори беморӣ, дараҷаи хешутаборӣ, синни оғози беморӣ ва монандии зуҳуроти клиникӣ арзёбӣ карда шуд. Ҳолатҳои такрории БИАМ дар 24 аз 75 оила (32,0%) ошкор гардиданд; дар ҳар яке аз ин оилаҳо беморӣ ҳадди ақал дар ду нафар хешованд мушоҳида шудааст. Дар 51 оилаи боқимонда (68,0%) танҳо як ҳолати беморӣ ба қайд гирифта шудааст ё маълумоти боэътимод оид ба хешовандони гирифтори беморӣ мавҷуд набуд

Ҷадвали 4. - Тавсифи ҷамъшавии ҳолатҳои оилавии БИАМ аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили таърихи оилаҳо

Хусусиятҳои оилаҳо	Шумораи оилаҳо (n=75)	Ҳисса (%)
Ҳолатҳои оилавии БИАМ (≥2 хешованди гирифтори беморӣ)	24	32,0
Ҳолатҳои алоҳидаи беморӣ	51	68,0
Ҳамагӣ	**75**	**100**

Эзоҳ: ҳолати оилавӣ мавҷудияти ду ё зиёда хешованди дорои аломатҳои клиникии БИАМ дар доираи як таърихи оилавӣ ҳисобида мешуд.

Мавҷудияти зиёда аз як хешованди гирифтори беморӣ тақрибан дар сеяки оилаҳои таҳқиқшуда муайян гардид. Дар 68,0%-и оилаҳои боқимонда аломатҳои клиникии БИАМ танҳо дар як нафар маълум буданд ё собиқаи оилавӣ пурра муайян карда нашуда буд.

Ҳангоми арзёбии анамнези беморони алоҳида бори ирсӣ дар 46 нафар аз 200 бемори муоинашуда (23,0%) муайян гардид. Барои чунин хулоса маълумот оид ба ихтилолҳои ҳаракатии ба ҳам монанд дар хешовандон, БИАМ-и қаблан

ташхисшуда ё зуҳуроте, ки барои гумонбар шудан аз бемории ирсӣ асос медоданд, истифода гардид.

Ҳиссаи беморони дорои анамнези оилавии вазниншуда дар гурӯҳҳои клиникӣ фарқ мекард. Ҳангоми АМС ин нишондиҳанда 4 нафар (36,4%), ҳангоми НИҲҲ — 19 нафар (23,1%) ва ҳангоми ДМП — 20 нафар (22,2%)-ро ташкил дод. Дар байни беморони гирифтори МИ чунин маълумот дар 2 нафар (20,0%) ва ҳангоми См дар 1 нафар (14,3%) ба даст оварда шуд.

Фарқияти аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятноки басомади анамнези оилавии вазниншуда байни гурӯҳҳои нозологӣ муайян карда нашуд (χ^2=2,18; p>0,05). Ҳиссаи баландтарин ҳангоми АМС мушоҳида гардид, аммо шумораи маҳдуди беморон дар зергурӯҳҳои алоҳида имконияти муқоисаро маҳдуд менамуд.

Яке аз хусусиятҳои анамнези оилавӣ мавҷудияти никоҳҳои хешутаборӣ буд. Чунин хешутабории волидон эҳтимолияти ба насл гузаштани вариантҳои якхелаи нодири ретсессивиро зиёд намуда, мутаносибан метавонад ҳангоми бемориҳои АР аҳаммият дошта бошад.

Басомади никоҳҳои хешутаборӣ дар 75 оилаи беморони гирифтори БИАМ арзёбӣ карда шуд. Маълумот аз анамнези оилавӣ ва таърихҳои оилаҳо то наслҳои III–IV ҷамъоварӣ гардида, ҳангоми мавҷудияти робитаҳои хешутаборӣ байни волидон дараҷаи онҳо муайян карда шуд. Ҳамзамон, ҳолатҳои такрории бемориҳои ба ҳам монанд дар байни аъзои оила ба қайд гирифта шуданд.

Никоҳи хешутаборӣ дар 11 аз 75 оила (14,7%) муайян гардид. Дар 64 оила (85,3%) робитаи хешутаборӣ байни волидон ошкор карда нашуд.

Навъи эҳтимолии ирсият дар асоси маълумоти собиқаи оилавӣ ва таърихи беморӣ дар оила бо дарназардошти ҷинси хешовандони гирифтори беморӣ, тақсимоти аломатҳои клиникӣ дар байни наслҳо ва хусусияти

интиқоли онҳо муайян карда шуд. Сипас, ин маълумот бо натиҷаҳои ташхиси молекулавию генетикӣ муқоиса гардид.

Таҳлил барои се навъи асосии ирсият: АР, АД ва бо хромосомаи Х-пайваст гузаронида шуд.

Дар гурӯҳи умумӣ беморони дорои навъи ирсияти АР бартарӣ доштанд — 106 нафар (53,0%). Навъи ирсияти АД дар 54 нафар (27,0%) ва навъи ирсияти бо хромосомаи Х-пайваст дар 40 нафар (20,0%) бемор муайян гардид. Ҳамин тариқ, ба шаклҳои АР зиёда аз нисфи мушоҳидаҳо, ба шаклҳои АД тақрибан чоряки онҳо ва ба шаклҳои Х-пайваст панҷяки беморони муоинашуда рост омад.

Ҷадвали 5. - Сохтори умумии навъҳои ирсият дар беморони гирифтори БИАМ

Навъи ирсият	Шумораи беморон (n=200)	Ҳисса (%)
Аутосомӣ-ретсессивӣ (АР)	106	53,0
Аутосомӣ-доминантӣ (АД)	54	27,0
Бо хромосомаи Х-пайваст	40	20,0
Ҳамагӣ	**200**	**100**

Эзоҳ: навъи ирсият дар асоси таҳлили клиникию генеалогӣ ва маълумоти тасдиқи молекулавию генетикӣ муайян карда шудааст.

Ҳангоми ДМП навъи ирсияти бо хромосомаи Х-пайваст дар 40 нафар (44,5%), АР дар 38 нафар (42,2%) ва АД дар 12 нафар (13,3%) бемор муайян гардид. Дар байни беморони гирифтори НИҲҲ навъи ирсияти АР бартарӣ дошт - 47 нафар (57,3%), дар ҳоле ки навъи АД дар 35 нафар (42,7%) мушоҳида гардид. Ҳамаи 11 нафар бемори гирифтори АМС навъи ирсияти АР доштанд. Ҳангоми См навъи ирсияти АД дар 4 нафар (57,1%) ва АР дар 3 нафар (42,9%) бемор муайян карда шуд. Дар гурӯҳи МИ навъи ирсияти АР дар 7 нафар (70,0%) ва АД дар 3 нафар (30,0%) ба қайд гирифта шуд.

Тақсимоти навъҳои ирсият дар байни гурӯҳҳои нозологӣ аз ҷиҳати оморӣ фарқияти аҳаммиятнок дошт ($p<0,001$). Шаклҳои Х-пайваст танҳо ҳангоми

ДМП ошкор гардиданд, дар ҳоле ки ҳамаи ҳолатҳои АМС навъи ирсияти АР доштанд. Натиҷаҳои таҳлили генеалогӣ бо маълумоти таҳқиқоти молекулавию генетикӣ муқоиса карда шуданд.

Хусусиятҳои клиникии беморони гирифтори ДМП ва АМС. Сустии мушакҳои проксималӣ дар 82 нафар (91,1%), ихтилоли роҳгардӣ дар 76 нафар (84,4%) ва гипотрофияи мушакҳо дар 74 нафар (82,2%) бемор муайян гардид. Аломати Говерс дар 58 нафар (64,4%), гипертрофияи козиби мушакҳои соқи пой дар 42 нафар (46,7%) ва контрактураҳо дар 38 нафар (42,2%) мушоҳида шуданд. Қобилияти мустақилона ҳаракат кардан дар 24 нафар (26,7%) бемор ба таври назаррас маҳдуд гардида буд.

Дар 4 нафар (10,0%) аз 40 модари беморони гирифтори дистрофинопатияҳои Дюшенн/Беккер гипертрофияи козиби нисбии мушакҳои соқи пой бе норасоии назарраси ҳаракат муайян карда шуд. Ин ҳолат метавонад ба интиқолдиҳандаи гетерозиготии варианти гени DMD будан ишора намояд, аммо тасдиқи чунин интиқолдиҳандагӣ танҳо тавассути таҳлили молекулавию генетикӣ имконпазир аст.

Ҳангоми АМС синни оғози беморӣ ва дараҷаи норасоии ҳаракат гуногун буданд. Зуҳуроти асосии беморӣ сустии афзояндаи мушакҳо, асосан мушакҳои проксималӣ, бо маҳдудиятҳои функсионалии дараҷаҳои гуногун ба ҳисоб мерафт.

Басомади зуҳуроти асосии АМС дар ҷадвали 6 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 6. Зуҳуроти клиникӣ дар беморони гирифтори АМС (n=11)

Аломати клиникӣ	**Шумораи беморон**	**%**
Сустии мушакҳои проксималӣ	11	100,0
Гипотрофияи мушакҳо	11	100,0
Пастшавии рефлексҳои пайӣ	11	100,0
Ихтилоли роҳгардӣ	9	81,8
Маҳдудшавии ҳаракати мустақилона	5	45,5
Контрактураҳои буғумҳо	5	45,5

Эзоҳ: шумораи беморон ва ҳиссаи онҳо (%) дар гурӯҳи АМС нишон дода шудаанд.

Ҳангоми арзёбии фенотип дараҷаи гипотрофия, тақсимшавии сустии мушакҳо, имкониятҳои функсионалии бемор ва қобилияти мустақилона ҳаракат кардани ӯ ба назар гирифта шуданд. Дар ҳамаи 11 нафар (100,0%) бемори гирифтори АМС гипотрофияи мушакҳо ва пастшавии рефлексҳои пайӣ мушоҳида гардид. Сустии мушакҳои проксималӣ низ дар 11 нафар (100,0%) муайян карда шуд. Дараҷаи зуҳуроти он яке аз омилҳое буд, ки сатҳи маҳдудияти ҳаракат ва имконияти мустақилона роҳ гаштанро муайян мекард. Ихтилоли роҳгардӣ дар 9 нафар (81,8%) бемор ба қайд гирифта шуд. Ҳамзамон, дараҷаи маҳдудшавии фаъолияти мустақилона гуногун буда, дар 5 нафар (45,5%) бемори муоинашуда имкониятҳои ҳаракат ба таври назаррас коҳиш ёфта буданд. Контрактураҳои буғумҳо дар 5 бемор (45,5%) мушоҳида гардида, бештар ҳангоми ҷараёни тулонии беморӣ дар заминаи норасоии назарраси ҳаракат ба қайд гирифта шуданд. Барои ҳамаи беморони муоинашудаи гирифтори АМС сустии мушакҳои проксималӣ, гипотрофияи мушакҳо ва пастшавии рефлексҳои пайӣ хос буданд. Ихтилоли роҳгардӣ дар 81,8% беморон, маҳдудшавии ҳаракати мустақилона ва контрактураҳои буғумҳо бошад, дар 45,5% беморон ба қайд гирифта шуданд.

Зуҳуроти клиникии синдромҳои миотонӣ (См). Ҳангоми См аломати асосии клиникӣ суст шудани раванди сустшавии шиддати мушакҳои скелетӣ баъд аз кашишхӯрии онҳо буд. Дараҷаи вазнинии зуҳуроти беморӣ гуногун буда, аз шахшавии муътадили мушакҳо то маҳдудиятҳои назарраси фаъолияти ҳаракатиро дар бар мегирифт. Ҳангоми муоина падидаи миотонӣ, сустии мушакҳо, ҷалбшавии гурӯҳҳои алоҳидаи мушакҳо ба раванди беморӣ ва таъсири омилҳои ҷисмонӣ ба дараҷаи зуҳуроти аломатҳо арзёбӣ карда шуданд. Илова бар ин, таъсири беморӣ ба ҳаракатҳои ҳаррӯза муайян карда шуд.

Басомади зуҳуроти клиникии синдромҳои миотонӣ дар ҷадвали 7 оварда шудааст.

Ҷадвали 7. - Зуҳуроти клиникӣ дар беморони гирифтори См (n=7)

Аломати клиникӣ	**Шумораи беморон**	**%**
Падидаи миотонӣ	7	100,0
Ихтилоли сустшавии шиддати мушакҳо баъд аз кашишхӯрӣ	7	100,0
Шахшавии мушакҳо	6	85,7
Сустии мушакҳо	4	57,1
Ихтилоли ҳаракатҳои нозуки дастҳо	3	42,9
Хасташавии аз меъёр баланд	3	42,9

Эзоҳ: шумораи беморон ва ҳиссаи онҳо (%) дар гурӯҳи См нишон дода шудаанд.

Падидаи миотонӣ дар ҳамаи 7 нафар (100,0%) бемор мушоҳида гардид. Ихтилоли сустшавии шиддати мушак баъд аз кашишхӯрӣ низ дар 7 нафар (100,0%) бемори муоинашуда муайян карда шуд; дар баъзе беморон ин ҳолат иҷрои ҳаракатҳои такрориро душвор мегардонд. Шахшавии мушакҳо дар 6 нафар (85,7%) бемор ба қайд гирифта шуда, фаъолияти ҳаракатии онҳоро маҳдуд менамуд. Сустии мушакҳои дараҷаҳои гуногун дар 4 нафар (57,1%) бемор ва душвории иҷрои ҳаракатҳои нозуки панҷаҳои даст дар 3 нафар (42,9%) муайян карда шуд. Хасташавии зиёдро 3 нафар (42,9%) бемор, асосан ҳангоми фаъолияти ҷисмонии тулонӣ, қайд намуданд.

Ҳангоми См падидаи миотонӣ ва душвории сустшавии шиддати мушакҳо дар ҳамаи беморон (100,0%) муайян карда шуданд. Шахшавии мушакҳо дар 85,7%, сустии мушакҳо дар 57,1%, ихтилоли ҳаракатҳои нозуки дастҳо ва хасташавии зиёд бошад, дар 42,9%-и беморон ба қайд гирифта шуданд. Ҳамбастагии ин аломатҳо дараҷаҳои гуногуни маҳдудшавии фаъолияти муқаррарии ҳаракатиро муайян менамуд.

Дар байни беморони гирифтори МИ дараҷаи норасоии ҳаракат ва хусусиятҳои тақсимоти он гуногун буданд, ки ин ҳолат гуногуншаклии

клиникии ихтилолҳои интиқоли асабу мушакро инъикос менамуд. Зуҳуроти бештар хос хасташавии патологии мушакҳо, тағйирёбии дараҷаи зуҳуроти аломатҳо дар давоми рӯз ва ҷалбшавии гурӯҳҳои гуногуни мушакҳо ба раванди беморӣ буданд. Ҳангоми муоина хусусияти сустии мушакҳо, тағйирёбии шиддати аломатҳо, таҳаммулпазирӣ ба фаъолияти ҷисмонӣ ва дараҷаи маҳдудшавии фаъолияти муқаррарӣ арзёбӣ карда шуданд. Хасташавии патологии мушакҳо дар ҳамаи 10 нафар (100,0%) бемор ба қайд гирифта шуда, аломати устувортарини ин гурӯҳ ба ҳисоб мерафт. Тағйирёбии шиддати аломатҳо дар 8 нафар (80,0%) бемор мушоҳида гардид; дараҷаи ихтилолҳои ҳаракат вобаста ба давраи фаъолият тағйир меёфт. Сустии мушакҳои проксималӣ дар 8 нафар (80,0%) бемор муайян гардида, бо маҳдудшавии фаъолияти ҷисмонии дараҷаҳои гуногун ҳамроҳ буд.

Басомади зуҳуроти алоҳидаи клиникии МИ дар ҷадвали 8 пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 8. - Зуҳуроти клиникӣ дар беморони гирифтори МИ (n=10)

Аломати клиникӣ	Шумораи беморон	%
Хасташавии аз ҳад зиёди мушакҳо	10	100,0
Тағйирёбии дараҷаи зуҳуроти аломатҳо	8	80,0
Сустии мушакҳои проксималӣ	8	80,0
Ихтилоли фаъолияти ҷисмонӣ	7	70,0
Ҷалбшавии мушакҳои ҳаракатдиҳандаи чашм	4	40,0
Ихтилоли хоидан ва фурӯбарӣ	3	30,0

Эзоҳ: теъдоди беморон ва ҳиссаи онҳо (%) дар гурӯҳи МИ нишон дода шудааст.

Коҳишёбии фаъолияти ҷисмонӣ дар 7 нафар (70,0%) бемор мушоҳида гардида, бо дараҷаи сустии мушакҳо ва хасташавии патологӣ алоқаманд буд. Ҷалбшавии мушакҳои ҳаракатдиҳандаи чашм дар 4 нафар (40,0%) муайян карда шуд. Ихтилоли хоидан ва фурӯбарӣ дар 3 нафари (30,0%) муоинашуда ба қайд гирифта шуд. Дар гурӯҳи МИ хасташавии аз ҳад зиёди мушакҳо дар ҳамаи беморон (100,0%) мушоҳида гардид. Тағйирёбии дараҷаи зуҳуроти аломатҳо

ва сустии мушакҳои проксималӣ дар 80,0% беморон, маҳдудшавии фаъолияти ҷисмонӣ дар 70,0% беморон ба қайд гирифта шуданд. Ихтилолҳои ҳаракати чашм дар 40,0% ва душвории хоидану фурӯбарӣ дар 30,0% беморон мушоҳида гардиданд.

Дараҷаи вазнинии зуҳуроти клиникии БИАМ аз рӯйи шиддати заъфи мушакҳо, суръати пешравии беморӣ ва дараҷаи норасоии функсионалӣ арзёбӣ карда шуд. Аҳаммияти ин хусусиятҳо вобаста ба сатҳи осебёбии системаи асабу мушакӣ фарқ мекард.

Барои таҳлили омилҳои алоқаманд бо вазнинии беморӣ хусусиятҳои клиникии беморони гирифтори ДМП, НИҲҲ, АМС, См ва МИ муқоиса карда шуданд. Синни оғози беморӣ, тақсимот ва дараҷаи сустии мушакҳо, нигоҳдории фаъолияти ҳаракатӣ ва аломатҳои пешравии беморӣ ба назар гирифта шуданд. Муқоисаи ин хусусиятҳо имкон дод, ки фарқиятҳои ҳолати функсионалӣ ва ҷараёни клиникии беморӣ байни гурӯҳҳои нозологӣ тавсиф карда шаванд.

Барои дақиқ намудани хусусияти норасоии ҳаракат ЭНМГ ва ЭМГ-и сузанӣ истифода шуданд. Ин усулҳо имкон фароҳам оварданд, ки маълумоти муоинаи неврологӣ бо аломатҳои объективии осебёбии мушакҳо, асабҳои канорӣ ва мотонейронҳо муқоиса карда шаванд.

Аломатҳои клиникии якхела метавонистанд бо тағйироти гуногуни электрофизиологӣ алоқаманд бошанд. Аз ин рӯ, мо осебёбии асосан миопатӣ ва асосан нейрогениро аз ҳам ҷудо намуда, ҳамзамон омезиши онҳоро ҳамчун шакли алоҳида муайян кардем.

Параметрҳои ПДЕ, амплитудаи ҷавоби мушакӣ, суръати гузариши импулс тавассути асабҳои канорӣ ва аломатҳои тағйироти денерватсионию реиннерватсионӣ таҳлил карда шуданд. Натиҷаҳо бо дарназардошти фенотипи

клиникӣ тафсир гардиданд. Дар асоси маҷмуи ин аломатҳо навъи электрофизиологӣ - миопатӣ, нейрогенӣ ё омехта муайян карда шуд.

Дар ҷадвали 9 тақсимоти намунаҳои электрофизиологии муайяншуда аз рӯйи гурӯҳҳои нозологӣ нишон дода шудааст.

Ҷадвали 9. - Паттернҳои электрофизиологӣ ҳангоми шаклҳои гуногуни БИАМ

Паттерни ЭНМГ	ДМП	НИҲҲ	СМА	См	НМ	p
Миопатӣ	82 (91,1%)	2 (2,4%)	0	6 (85,7%)	0	<0,001
Нейрогенӣ	4 (4,4%)	78 (95,1%)	11 (100%)	0	0	<0,001
Тағйироти омехта	4 (4,4%)	2 (2,4%)	0	1 (14,3%)	1 (10,0%)	>0,05

Эзоҳ: маълумот дар шакли n (%) оварда шудааст. Басомади намунаҳои электрофизиологӣ дар гурӯҳҳои нозологӣ бо истифода аз меъёри χ^2 ва ҳангоми кам будани қиматҳои интизоршаванда бо истифода аз меъёри дақиқи Фишер муқоиса карда шуд.

Дар беморони гирифтори ДМП паттерни миопатӣ дар 82 нафар (91,1%), нейрогенӣ дар 4 нафар (4,4%) ва омехта дар 4 нафар (4,4%) муайян гардид. Дар гурӯҳи НИҲҲ паттерни нейрогенӣ бартарӣ дошт — 78 нафар (95,1%), дар ҳоле ки тағйироти миопатӣ ва омехта ҳар кадом дар 2 ҳолат (2,4%) мушоҳида шуданд. Дар ҳамаи 11 бемори гирифтори АМС (100%) тағйирот хусусияти нейрогенӣ доштанд. Ҳангоми См паттерни миопатӣ дар 6 нафар (85,7%) ва паттерни омехта дар 1 нафар (14,3%) бемор муайян карда шуд.

Дар гурӯҳи МИ тағйироти омехта дар 1 нафар (10,0%) бемор ошкор гардиданд. Маълумоти 9 нафар бемори боқимонда дар ҷадвал оварда нашудааст ва тасвири электрофизиологӣ ҳангоми МИ бо таҳқиқи интиқоли асабу мушакӣ пурра карда шуд.

Дар гурӯҳи беморони гирифтори ДМП сатҳи КФК дар 60 нафар (66,6%) ба таври назаррас баланд, дар 25 нафар (27,8%) ба дараҷаи миёна баланд ва дар

5 нафар (5,6%) дар ҳудуди меъёр буд. Ҳангоми НИҲҲ сатҳи муқаррарии КФК дар 62 нафар (75,6%), баландшавии он дар 18 нафар (22,0%) ва баландшавии назаррас дар 2 нафар (2,4%) бемор муайян карда шуд.

Барои ДМП ва См тағйироти миопатӣ ва барои НИҲҲ ва АМС тағйироти нейрогенӣ бештар хос буданд. Баландшавии назарраси КФК бештар ҳангоми ДМП (66,6%) мушоҳида гардида, дар аксарияти беморони гирифтори НИҲҲ (75,6%) ин нишондиҳанда дар ҳудуди меъёр боқӣ монд.

Ҷадвали 10. - Сатҳи КФК ҳангоми шаклҳои гуногуни БИАМ

Шакли БИАМ	N	Сатҳи муътадили КФК	Баландшавии КФК	Баландшавии назарраси КФК	p
ДМП	90	5 (5,6%)	25 (27,8%)	60 (66,6%)	<0,001
НИҲҲ	82	62 (75,6%)	18 (22,0%)	2 (2,4%)	<0,001
СМА	11	7 (63,6%)	4 (36,4%)	0	<0,05
См	7	3 (42,9%)	4 (57,1%)	0	>0,05
НМ	10	9 (90,0%)	1 (10,0%)	0	<0,05

Эзоҳ: маълумотҳо ҳамчун n (%) пешкаш шудаанд. Таҳлил тибқи меъёри χ^2, дар сурати кам будани миқдори ҳолатҳои ба гурӯҳ дохилшуда мувофиқи меъёри дақиқи Фишер гузаронида шуд.

Дар гурӯҳи АМС сатҳи муқаррарии КФК дар 7 нафар (63,6%) ва баландшавии он дар 4 нафар (36,4%) бемор муайян карда шуд. Дар гурӯҳи См фаъолнокии муқаррарии КФК дар 3 нафар (42,9%) ва баландшавии он дар 4 нафар (57,1%) мушоҳида гардид. Дар гурӯҳи МИ нишондиҳандаҳои муқаррарӣ бартарӣ доштанд — 9 нафар (90,0%), дар ҳоле ки баландшавии КФК дар 1 нафар (10,0%) ба қайд гирифта шуд. Ҳангоми АМС, См ва МИ баландшавии назарраси КФК мушоҳида нагардид. Тағйироти бештарини КФК ҳангоми ДМП муайян карда шуданд, ки дар ин гурӯҳ баландшавии назарраси он дар 60 нафар (66,6%) бемор ба қайд гирифта шуд. Ҳангоми НИҲҲ нишондиҳандаҳои муқаррарӣ дар 62 нафар (75,6%) мушоҳида гардиданд; ҳангоми АМС ва См баландшавии КФК мутаносибан дар 36,4% ва 57,1%, ҳангоми МИ бошад, дар 10,0% беморон муайян карда шуд.

Мувофиқи маълумоти ЭКГ ва ЭхоКГ, дар беморони гирифтори ДМП ихтилолҳои ритм ва гузаронандагии дил дар 3 нафар (3,3%), аломатҳои кардиомиопатия дар 3 нафар (3,3%) ва пастшавии ФП МЧ дар 2 нафар (2,2%) муайян карда шуданд. Ҳангоми НИҲҲ ва См ҳолатҳои алоҳидаи ихтилоли ритм ё гузаронандагии дил мушоҳида гардиданд, дар ҳоле ки ҳангоми АМС ва МИ ҳеҷ яке аз тағйироти зикршуда ошкор карда нашуд.

Пастшавии функсияи нафаси берунӣ дар 8 нафар (8,9%) бемори гирифтори ДМП, 3 нафар (27,3%) бемори гирифтори АМС ва 1 нафар (10,0%) бемори гирифтори МИ муайян карда шуд. Ихтилолҳои назарраси нафаскашӣ дар 3 нафар (3,3%) бемори гирифтори ДМП ва 1 нафар (9,1%) бемори гирифтори АМС мушоҳида гардиданд. Ихтилолҳои ортопедӣ вобаста ба гурӯҳи нозологӣ фарқ мекарданд: ҳангоми ДМП контрактураҳо бештар мушоҳида шуданд — 28 нафар (31,1%), ҳангоми НИҲҲ бошад, деформатсияи пойҳо дар 42 нафар (51,2%) муайян гардид. Ҳангоми АМС контрактураҳо ва тағйироти сутунмӯҳра ҳар кадом дар 5 ҳолат (45,5%) ба қайд гирифта шуданд. Ҳангоми См ва МИ чунин ихтилолҳо нисбатан камтар мушоҳида гардиданд.

Усули таҳқиқоти молекулавию генетикӣ вобаста ба манзараи клиникӣ, собиқаи оилавӣ ва натиҷаҳои ЭНМГ ва таҳлилҳои биохимиявӣ интихоб карда шуд. Усули MLPA барои ҷустуҷӯи делетсияҳо ва дупликатсияҳои калонҳаҷм, усули NGS бошад, барои таҳлили генҳои алоқаманд бо БИАМ истифода гардид. Дар ҳолатҳое, ки манзараи клиникӣ ғайримуқаррарӣ буд ё натиҷаҳои аҳаммиятнок ба даст намеомаданд, таҳқиқот бо усули WES гузаронида шуд. Маълумоти генетикӣ бо фенотипи клиникӣ ва навъи ирсият муқоиса карда шуданд, ки ин барои дақиқ намудани ташхис ва арзёбии хатари такроршавии беморӣ дар оила зарур буд.

Ҷадвали 11. - Маълумоти молекулавию генетикӣ оид ба гурӯҳи беморони гирифтори БИАМ (n=200)

Гурӯҳи клиникӣ	Шумораи беморон, n	Генҳои асосӣ	Навъҳои вариантҳои генетикии дар натиҷаҳо зикршуда
ДМП	90	DMD, CAPN3, DYSF, SGCA, SGCB, SGCG, SGCD, FKRP ва ғ.	Делетсияҳо, дупликатсияҳо, SNV
НИҲҲ	82	PMP22, MPZ, MFN2, GJB1, MTMR2 ва ғ.	SNV, CNV
СМА	11	SMN1, SMN2	Делетсияҳои гомозиготӣ, тағйироти шумораи нусхаҳо
См	7	CLCN1, SCN4A	SNV
НМ	10	CHRNE, RAPSN ва ғ.	SNV
Ҳамагӣ	200	—	—

Эзоҳ: дар ҷадвал генҳо ва навъҳои тағйироти генетикӣ мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд.

Рӯйхати генҳо нишон медиҳад, ки ҷустуҷӯи молекулавӣ дар ҳар як гурӯҳи клиникӣ ба кадом самтҳо равона шуда буд. Барои арзёбии миқдории сохтори тағйироти ошкоршуда танҳо номҳои генҳо кофӣ нестанд: донистани шумораи беморони дорои вариантҳои мушаххас ва шумораи ҳолатҳое, ки сабаби молекулавии беморӣ муайян карда шудааст, зарур мебошад. Танҳо дар чунин ҳолат муайян кардан мумкин аст, ки ҳар як шакли генетикӣ дар гурӯҳи таҳқиқшаванда то кадом андоза намояндагӣ мекунад.

Тағйирот дар генҳои DMD, CAPN3, PMP22, MFN2, CLCN1, SCN4A, CHRNE ва RAPSN сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошанд. Арзиши ташхисии онҳо аз рӯйи хусусияти вариант, навъи эҳтимолии ирсият ва мутобиқати он ба манзараи клиникии бемор муайян карда шуд.

Дар 200 нафар бемор тағйироти генетикӣ ба шаш гурӯҳ тақсим карда шуданд: делетсияҳо, дупликатсияҳо, SNV, CNV, инсерсияҳо ва делетсияҳои хурдҳаҷм (indel), инчунин вариантҳои дигар. Таносуби ин гурӯҳҳо вобаста ба шакли клиникии беморӣ фарқ мекард.

Дар гурӯҳи ДМП 47 ҳолати SNV, 32 делетсия, 6 дупликатсия, 3 indel ва 2 варианти дигар муайян карда шуданд. Дар гурӯҳи НИҲҲ 70 ҳолати SNV, 10 CNV ва 2 делетсия ошкор гардид. Дар ҳамаи 11 нафар бемори гирифтори АМС делетсияҳо муайян карда шуданд. Ҳангоми синдромҳои миотонӣ ва ихтилолҳои ирсии интиқоли асабу мушакӣ вариантҳои SNV мутаносибан дар 7 ва 10 ҳолат ошкор гардиданд.

ДМП бо гуногуншаклии тағйироти молекулавӣ фарқ мекарданд, ҳангоми НИҲҲ вариантҳои SNV, ҳангоми АМС делетсияҳо ва ҳангоми синдромҳои миотонӣ ва ихтилолҳои интиқоли асабу мушакӣ боз ҳам вариантҳои SNV бартарӣ доштанд. Ҳамаи ин маълумот танҳо ба гурӯҳи беморони муоинашуда дахл дошта, басомади чунин тағйиротро дар байни аҳолии Тоҷикистон тавсиф намекунад.

Сохтори тағйироти молекулавиро бо дарназардошти хусусиятҳои таснифотро хондан зарур аст. Делетсияҳо ва дупликатсияҳо метавонанд ба гурӯҳи CNV дохил шаванд, бинобар ин, гурӯҳҳои мазкур на ҳамеша аз ҳамдигар мустақил мебошанд; масалан, ҳангоми НИҲҲ 10 ҳолати CNV ва 2 делетсия ба таври алоҳида нишон дода шудаанд. Тафсири дурусти чунин тақсимот аз тарзи баҳисобгирии вариантҳои алоҳида ва аз он вобаста аст, ки оё ҳар як сабт ҳамчун мушоҳидаи мустақил ҳисобида шудааст ё не.

Минбаъд спектри генетикӣ аз рӯйи шаклҳои нозологӣ тавсиф карда шудааст: барои ҳар як шакл генҳои ба раванди беморӣ ҷалбшуда, навъҳои тағйирот ва аҳаммияти клиникии онҳо нишон дода шудаанд. Чунин тарзи пешниҳоди маълумот муқоисаи натиҷаҳои молекулавиро бо хусусиятҳои беморӣ осон мегардонад.

Аҳаммияти клиникии тағйироти молекулавии ошкоршуда аз рӯйи дараҷаи мутобиқати он ба фенотипи бемор, маълумоти электрофизиологӣ ва собиқаи оилавӣ муайян карда шуд. Синни оғози беморӣ, тақсимот ва дараҷаи

сустии мушакҳо, хусусияти ихтилолҳои ҳаракат ва ҷараёни беморӣ ба назар гирифта шуданд. Чунин арзёбии маҷмуӣ барои дақиқ намудани ташхиси нозологӣ мусоидат мекард.

Тасдиқи молекулавӣ пеш аз ҳама дар ҳолатҳое зарур аст, ки аломатҳои клиникӣ ба ҳам монанд мебошанд. Сустии мушакҳо, атрофияи онҳо, тағйирёбии роҳгардӣ ва пастшавии рефлексҳои пайӣ ҳангоми шаклҳои гуногуни бемориҳои ирсӣ мушоҳида мешаванд. Варианти патогенӣ ё эҳтимолан патогенӣ танҳо дар сурате сабаби бемориро нишон дода метавонад, ки ба фенотип ва навъи эҳтимолии ирсият мутобиқат намояд.

Тафсири натиҷаҳо аз гурӯҳи клиникӣ вобаста буд. Ҳангоми ДМП маълумоти молекулавӣ бо хусусияти осебёбии мушакҳо, синни оғози беморӣ ва фаъолнокии КФК муқоиса карда шуд. Ҳангоми НИҲҲ тақсимоти сустӣ ва атрофияи мушакҳо, ихтилолҳои ҳиссиёт ва нишондиҳандаҳои гузаронандагии импулс тавассути асабҳои канорӣ ба назар гирифта шуданд. Ҳангоми АМС натиҷаҳои таҳқиқоти SMN1 ва SMN2, муҳлати пайдоиши аломатҳо ва дараҷаи норасоии ҳаракат ба инобат гирифта шуданд. Ҳангоми синдромҳои миотонӣ тағйироти ошкоршуда бо падидаи миотонӣ ва ихтилоли сустшавии шиддати мушакҳо, ҳангоми ихтилолҳои ирсии интиқоли асабу мушакӣ бошад, бо хасташавии патологӣ, тағйирёбии қувваи мушакҳо ва ҷалбшавии мушакҳои ҳаракатдиҳандаи чашм, хоидан ё фурӯбарӣ муқоиса карда шуданд.

Муқоисаи натиҷаҳои молекулавӣ бо таърихи беморӣ дар оила имкон дод, ки механизми эҳтимолии ирсият дақиқ карда шуда, зарурати муоинаи хешовандони алоҳида муайян гардад. Барои машварати тиббию генетикӣ маълумот оид ба гени мушаххас, гурӯҳи варианти ошкоршуда, навъи ирсият ва аъзои бемори оила аҳаммияти муҳим дорад. Мавҷудияти якчанд бемор дар оила ҳанӯз маънои онро надорад, ки механизми интиқоли беморӣ муайян шудааст.

Натиҷаҳои генетикӣ ба вариантҳои патогенӣ, эҳтимолан патогенӣ ва вариантҳои дорои аҳаммияти клиникии номуайян тақсим карда шуданд. Вариантҳои гурӯҳи охирин худ аз худ сабаби этиологии бемориро исбот намекунанд. Ҳамзамон, ҳатто ҳангоми ошкор шудани тағйироти генетикӣ бояд санҷида шавад, ки оё он тамоми манзараи клиникиро шарҳ дода метавонад, махсусан дар ҳолатҳои фенотипи ғайримуқаррарӣ ё мураккаб.

Бисёр ҷанбаҳо аз технологияи истифодашуда низ вобаста мебошанд. Агар варианти патогенӣ ошкор нагардад, ин ҳанӯз барои истисно намудани бемории ирсӣ асос шуда наметавонад, зеро баъзе навъҳои тағйирот бо усули интихобшуда муайян карда намешаванд. Дар чунин ҳолат таҳқиқоти минбаъда дар асоси манзараи клиникӣ ва маълумоти лаборатории қаблан бадастомада ба нақша гирифта мешуд.

Аз ин рӯ, тағйироти молекулавию генетикии ошкоршуда дар маҷмуъ бо маълумоти клиникӣ, генеалогӣ ва электрофизиологӣ арзёбӣ карда шуданд. Дар зер натиҷаҳо аз рӯйи гурӯҳҳои нозологӣ таҳлил гардидаанд, ки барои омӯзиши робитаи генотип бо фенотип заруранд.

Натиҷаҳои молекулавӣ ҳангоми ДМП, НИҲҲ, АМС, синдромҳои миотонӣ ва ихтилолҳои ирсии интиқоли асабу мушакӣ ба таври алоҳида баррасӣ карда шуданд. Барои ҳар як гурӯҳ генҳо ва навъҳои тағйироти ошкоршуда нишон дода шуда, мутобиқати онҳо ба хусусиятҳои нозологии беморӣ тавсиф гардид.

Ба гурӯҳи ДМП 90 нафар бемор (45,0%) дохил шуданд, ки гурӯҳи калонтарини таҳқиқотро ташкил медоданд. Вариантҳои генетикии дар онҳо ошкоршуда ба дистрофинопатияҳо ва шаклҳои гуногуни дистрофияҳои мушакии камарбанду андомҳо мансуб буданд. Манзараи клиникӣ, электрофизиологӣ ва лаборатории ин беморон дар боло тавсиф гардидааст; акнун натиҷаҳои молекулавии ошкоршударо баррасӣ менамоем.

Зергурӯҳи сершумортаринро дистрофинопатияҳо ташкил доданд: вариантҳои гени DMD дар 38 бемор (42,2%) муайян карда шуданд. Дар ҷойи дуюм тағйироти гени CAPN3 қарор доштанд, ки дар 18 бемор (20,0%) ошкор гардиданд.

Ҷадвали 13. - Маълумоти молекулавию генетикии беморони гирифтори ДМП (n=90)

Ген	**Шакли нозологӣ**	**Шумораи беморон, n**	**Ҳисса дар байни беморон бо ДМП, %**
DMD	Дистрофинопатияҳо	38	42,2
CAPN3	LGMD R1	18	20,0
DYSF	LGMD R2	11	12,2
SGCA, SGCB, SGCG, SGCD	Саркогликанопатияҳо	10	11,1
FKRP	LGMD R9	6	6,7
Генҳои дигар (LMNA, CAV3, ANO5, TTN ва ғ.)	Шаклҳои дигари ДМП	7	7,8
Ҳамагӣ	**-**	**90**	**100,0**

Эзоҳ: LGMD - дистрофияҳои мушакии камарбанду андомҳо.

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 13, ҳиссаи дистрофинопатияҳо дар гурӯҳи ДМП 42,2%-ро ташкил дод; 52 нафар бемори боқимонда (57,8%) шаклҳои дигари генетикӣ доштанд, ки дар байни онҳо тағйироти гени CAPN3 бештар мушоҳида гардиданд (дар 18 нафар бемори муоинашуда). Чунин тақсимот гуногуншаклии назарраси генетикии гурӯҳи таҳқиқшудаи ДМП-ро нишон медиҳад.

Ғайр аз ду шакли сершумортарин, вариантҳои гени DYSF дар 11 нафар бемор (12,2%), генҳои маҷмуи саркогликанӣ дар 10 нафар (11,1%) ва гени FKRP дар 6 нафар (6,7%) муайян карда шуданд. Дар 7 нафар бемори дигар (7,8%) тағйирот генҳои дигар, аз ҷумла LMNA, CAV3, ANO5 ва TTN-ро фаро

мегирифтанд. Ҳатто ҳангоми мавҷудияти сустии мушакҳои ба ҳам монанд чунин натиҷаҳо имкон медиҳанд, ки шаклҳои алоҳидаи генетикии беморӣ аз ҳам фарқ карда шаванд.

Дар гурӯҳи таҳқиқшуда шаклҳои ДМП-и бо генҳои DMD ва CAPN3 алоқаманд нисбат ба дигар шаклҳо бештар мушоҳида гардиданд. Аммо ҳиссаи онҳо дар байни беморони муоинашударо бо паҳншавии ин бемориҳо дар ҶТ баробар донистан мумкин нест: барои чунин хулоса донистани принсипҳои равон намудани беморон ба муоина ва дараҷаи дастрасии ташхиси генетикӣ зарур мебошад.

Донистани шакли генетикии беморӣ ҳам барои ташхис ва ҳам барои машварати оила аҳаммияти муҳим дорад. Ҳангоми ошкор шудани варианти патогенӣ ё эҳтимолан патогенӣ мутобиқати он ба манзараи клиникӣ ва навъи эҳтимолии ирсият санҷида мешуд. Хулосаи ниҳоӣ аз хусусиятҳои худи тағйироти генетикӣ ва собиқаи оилавӣ вобаста мебошад.

Дар ҳолатҳои оилавии беморӣ нақши эҳтимолии никоҳҳои хешутаборӣ низ ба назар гирифта мешуд. Бо вуҷуди ин, на ҷамъшавии ҳолатҳои беморӣ дар оила ва на хешутаборӣ волидон барои алоқаманд намудани фенотип бо гени мушаххас асоси кофӣ шуда наметавонанд: барои ин муайян намудани вариантҳои генетикии аъзои оила ва хусусиятҳои тақсимоти онҳо дар таърихи оилавӣ зарур аст.

Натиҷаҳои генетикӣ дар гурӯҳи ДМП барои аз ҳам фарқ намудани якчанд шакли нозологӣ мусоидат карданд. Ҳар як тағйироти молекулавии ошкоршуда бо дарназардошти хусусияти ирсият ва манзараи клиникӣ тафсир карда шуд.

НИҲҲ дар 82 нафар бемор (41,0%) ташхис карда шуд; аз рӯйи шумораи беморон ин гурӯҳи дуюми таҳқиқот ба ҳисоб мерафт. Тағйироти молекулавӣ генҳои гуногуни бо осебёбии ирсии асабҳои канорӣ алоқамандро фаро

мегирифтанд, ки зергурӯҳҳои калонтарин ба генҳои PMP22, MPZ ва MFN2 рост меомаданд.

Вариантҳои гени PMP22 дар 28 нафар бемор (34,1%), MPZ дар 15 нафар (18,3%), MFN2 дар 12 нафар (14,6%), GJB1 дар 10 нафар (12,2%) ва MTMR2 дар 7 нафар (8,5%) муайян карда шуданд. Дар 10 нафар бемори боқимонда (12,2%) вариантҳои генҳои дигари бо нейропатияҳои ирсӣ алоқаманд ошкор гардиданд.

Ҷадвали 14. - Маълумоти молекулавию генетикии беморони гирифтори НИҲҲ (n=82)

Ген	Шакли алоқаманди НИҲҲ	Шумораи беморон, n	Ҳисса дар гурӯҳи НИҲҲ, %
PMP22	CMT1A / HNPP	28	34,1
MPZ	CMT1B / CMT2	15	18,3
MFN2	CMT2A	12	14,6
GJB1	CMTX1	10	12,2
MTMR2	CMT4B1	7	8,5
Генҳои дигар	Шаклҳои дигари НИҲҲ	10	12,2
Ҳамагӣ	—	**82**	**100,0**

Эзоҳ: CMT - бемории Шарко–Мари–Тут; HNPP - нейропатияи ирсӣ бо майл ба фалаҷҳои фишорӣ (компрессионӣ).

Бештар аз ҳама тағйироти генетикӣ дар гени PMP22 ошкор гардиданд. Бо ин ген шаклҳои гуногуни клиникӣ, аз ҷумла CMT1A ва HNPP алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, барои тавсифи зергурӯҳи мазкур муайян намудани он ки маҳз кадом вариантҳо ошкор шудаанд ва онҳо ба фенотипҳои муқарраршуда то кадом андоза мутобиқат мекунанд, аҳаммияти муҳим дорад.

Вариантҳои гени MPZ дар 15 нафар бемор (18,3%) муайян карда шуданд; дар ҷадвал ба онҳо шаклҳои CMT1B ва CMT2 мувофиқат мекунанд, ки аз рӯйи зуҳуроти клиникӣ ва электрофизиологӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Барои арзёбии

ин тағйирот онҳо бо нишондиҳандаҳои гузаронандагии импулс тавассути асабҳои канорӣ, амплитудаи М-ҷавоб ва хусусиятҳои наҳҳои ҳиссӣ муқоиса карда мешаванд.

Вариантҳои гени MFN2 дар 12 нафар бемор (14,6%) ошкор гардиданд, ки дар ҷадвал ба шакли CMT2A мансуб дониста шудаанд. Аҳаммияти клиникии онҳо аз рӯйи ихтилолҳои ҳаракатӣ ва ҳиссӣ, инчунин аломатҳои электрофизиологии осебёбии асабҳои канорӣ арзёбӣ карда шуд.

Тағйироти гени GJB1 дар 10 нафар бемор (12,2%), гени MTMR2 дар 7 нафар (8,5%) ва вариантҳои генҳои дигар дар 10 нафар бемори иловагӣ (12,2%) муайян карда шуданд. Гурӯҳи охирин якчанд шакли генетикиро муттаҳид менамояд ва бидуни тақсимоти онҳо аз рӯйи генҳои алоҳида муайян намудани ҳиссаи ҳар яке имконнопазир мебошад.

Дар маҷмуъ, вариантҳои генҳои PMP22, MPZ ва MFN2 дар 55 нафар аз 82 бемор, яъне дар 67,1% ҳолатҳо муайян карда шуданд.

Тақсимоти тағйироти ошкоршуда танҳо ба беморони муоинашудаи гирифтори НИҲҲ дахл дорад, на ба тамоми аҳолии Тоҷикистон. Азбаски ба гурӯҳи таҳқиқот шахсоне дохил шудаанд, ки барои муоинаи клиникӣ ва молекулавию генетикӣ равона гардида буданд, натиҷаҳои он худ аз худ барои арзёбии нишондиҳандаҳои популятсионӣ асос шуда наметавонанд.

Маълумоти генетикӣ натиҷаҳои ташхиси клиникӣ ва электрофизиологии НИҲҲ-ро пурра намуда, ҳамзамон барои муайян кардани хусусияти ирсият истифода гардид. Нақши сабабии варианти ошкоршуда аз рӯйи дараҷаи патогении он, мутобиқат ба фенотип ва маълумоти собиқаи оилавӣ арзёбӣ карда шуд.

Муқоисаи варианти молекулавӣ, хусусияти осебёбии асабҳои канорӣ ва маълумот оид ба мавҷудияти беморӣ дар хешовандон аҳаммияти бештарини

ташхисӣ дорад. Бидуни чунин муқоиса тафсири инфиродии шаклҳои нодири НИҲҲ имконнопазир мегардад.

СМА дар 11 нафар бемор (5,5%-и тамоми гурӯҳи таҳқиқот) ташхис карда шуд ва дар ҳамаи онҳо делетсияи гомозиготии экзони 7-и гени SMN1 ошкор гардид. Илова бар ин, шумораи нусхаҳои гени SMN2 муайян карда шуд: ин хусусият эҳтимолан бо дараҷаи вазнинии беморӣ ва синни оғози он алоқаманд мебошад.

Ҷадвали 15. - Маълумоти молекулавию генетикии беморони гирифтори АМС (n=11)

Ген	Тағйироти ошкоршуда	Шумораи беморон, n	Ҳисса дар гурӯҳи АМС, %
SMN1	Делетсияи гомозиготии экзони 7	11	100,0
SMN2	2 нусха	5	45,5
SMN2	3 нусха	4	36,4
SMN2	≥4 нусха	2	18,1

Эзоҳ: шумораи нусхаҳои SMN2 яке аз омилҳои генетикие мебошад, ки бо гуногуншаклии зуҳуроти АМС алоқаманд аст.

Ду нусхаи гени SMN2 дар 5 нафар (45,5%), се нусха дар 4 нафар (36,4%) ва чор ё зиёда нусха дар 2 нафар (18,1%) муайян карда шуданд. Аз ҳама бештар мавҷудияти ду нусхаи ген мушоҳида гардид.

Мувофиқи мушоҳидаҳои клиникии мо, ҳангоми мавҷудияти ду нусхаи SMN2 аломатҳои беморӣ барвақттар пайдо шуда, ихтилолҳои ҳаракат дараҷаи вазнинтар доштанд. Дар беморони дорои се ё зиёда нусхаи ген оғози беморӣ тамоюли дертар зоҳир шудан ва ҷараёни он тамоюли сабуктар гузаштанро дошт. Аммо гурӯҳи таҳқиқот ҳамагӣ аз 11 нафар иборат буд ва бидуни

муқоисаи инфиродии маълумоти клиникӣ ва генетикӣ ин вобастагиро тасдиқшуда ҳисобидан мумкин нест.

Ҳангоми мавҷудияти тағйироти якхелаи гени SMN1 шумораи нусхаҳои SMN2 метавонист яке аз омилҳои муайянкунандаи фарқиятҳои фенотипӣ бошад. Барои арзёбии нақши SMN2 маълумоти инфиродӣ оид ба синни оғози беморӣ, дараҷаи сустии мушакҳо ва маҳдудиятҳои ҳаракат зарур мебошад. Дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ муайян намудани қувва ва аҳаммияти омории ин робита имконнопазир аст.

Тағйироти гени SMN1 дар ҳамаи 11 бемори гирифтори АМС ошкор гардид, ки ташхисро дар сатҳи молекулавӣ тасдиқ намуд. Шумораи нусхаҳои SMN2 хусусиятҳои генетикии гурӯҳро пурра кард, аммо ин нишондиҳанда худ аз худ на ҳолати бемор ва на пешгӯйии инфиродии ӯро муайян намекунад.

Синдромҳои миотонӣ (См) ва ихтилолҳои ирсии интиқоли асабу мушакӣ (НМ) дар 17 нафар бемор ташхис карда шуданд: 7 нафар гирифтори См ва 10 нафар гирифтори МИ буданд. Тағйироти генетикӣ ба генҳои CLCN1, SCN4A, CHRNE ва RAPSN дахл дошта, ба мансубияти беморон ба гурӯҳҳои клиникии мазкур мутобиқат мекарданд.

Ҷадвали 16. - Маълумоти молекулавию генетикии беморони гирифтори См ва МИ (n=17)

Ген	Беморӣ	Шумораи беморон, n	Ҳисса дар гурӯҳи дахлдор, %
CLCN1	См	5	71,4
SCN4A	См	2	28,6
CHRNE	НМ	6	60,0
RAPSN	НМ	4	40,0
Ҳамагӣ	—	**17**	—

Эзоҳ: ҳиссаҳо дар дохили ҳар гурӯҳи клиникӣ ҳисоб карда шуданд (См - 7 бемор, МИ - 10)

Дар гурӯҳи См вариантҳои гени CLCN1 дар 5 нафар аз 7 бемор (71,4%) ва вариантҳои гени SCN4A дар 2 нафар (28,6%) муайян карда шуданд. Дар ин гурӯҳ вариантҳои CLCN1 нисбат ба SCN4A бештар мушоҳида гардиданд, аммо шумораи мушоҳидаҳо кам буда, паҳн намудани чунин таносуб ба дигар гурӯҳҳои клиникии таҳқиқшаванда ва аҳолии ҶТ имконнопазир аст.

Дар гурӯҳи МИ вариантҳои гени CHRNE дар 6 нафар аз 10 бемор (60,0%) ва вариантҳои гени RAPSN дар 4 нафар (40,0%) муайян карда шуданд. Бештар мушоҳида шудани CHRNE ҳануз маънои онро надорад, ки паҳншавии он дар популятсия баландтар мебошад: барои чунин хулоса гузаронидани таҳқиқоти репрезентативӣ зарур аст.

Профили молекулавии ин ду гурӯҳ механизмҳои гуногуни инкишофи бемориро инъикос менамояд: ҳангоми См генҳои каналҳои ионии мушакҳои скелетӣ ва ҳангоми МИ генҳое таҳқиқ карда шуданд, ки фаъолияти синапси асабу мушакӣ аз онҳо вобаста мебошад. Аҳаммияти клиникии тағйироти ошкоршуда аз рӯйи аломатҳои беморӣ ва таснифоти вариант муайян карда шуд.

Ҳангоми См натиҷаҳои генетикӣ бо падидаи миотонӣ, сустшавии таъхирноки шиддати мушакҳо баъд аз кашишхӯрӣ ва аломатҳои ҳамроҳ муқоиса карда шуданд. Ҳангоми МИ хасташавии патологӣ, тағйирёбии дараҷаи сустии мушакҳо дар давоми рӯз ва ҷалбшавии мушакҳои ҳаракатдиҳандаи чашм, хоидан ё фурӯбарӣ ба назар гирифта шуданд. Дараҷаи мутобиқати натиҷаи таҳқиқоти генетикӣ ба фенотипи клиникӣ барои ҳар як бемор ба таври алоҳида арзёбӣ карда шуд.

Дар ҳар ду гурӯҳ ташхиси молекулавӣ барои дақиқ намудани ташхис ва гузаронидани машварати тиббию генетикӣ мусоидат менамояд. Нақши сабабии тағйироти генетикӣ танҳо аз рӯйи ҷойгиршавии он дар ген муайян карда намешавад: дараҷаи патогенӣ, навъи ирсият ва маълумоти клиникӣ низ ба назар гирифта мешаванд.

Вариантҳои чор гени дар ҷадвали 16 зикршуда ҳамаи 17 ҳолати мушоҳидашударо фаро мегиранд. Аммо дар бораи тасдиқи молекулавии ҳар як ташхис танҳо дар сурате сухан гуфтан мумкин аст, ки варианти ошкоршуда ба меъёрҳои патогенӣ ё эҳтимолан патогенӣ ҷавобгӯ буда, ба зуҳуроти клиникӣ мутобиқат намояд.

Пас аз тасдиқи молекулавию генетикӣ натиҷаҳо бо ҷараёни клиникии беморӣ, нишондиҳандаҳои лабораторӣ ва электрофизиологӣ муқоиса карда шуданд. Бидуни чунин муқоиса тавсифи фарқиятҳои фенотипӣ байни беморон, аз ҷумла дар дохили як шакли нозологӣ, имконнопазир мебошад.

Барои муқоисаи генотип ва фенотип синни оғози беморӣ, хусусиятҳои пешравии он, зуҳуроти клиникӣ, фаъолнокии КФК, нишондиҳандаҳои ЭНМГ ва навъи тағйироти генетикӣ истифода шуданд. Арзёбӣ карда шуд, ки ҳар яке аз ин хусусиятҳо барои ташхис то кадом андоза аҳаммият доранд ва оё метавонанд бо дараҷаи вазнинии беморӣ алоқаманд бошанд.

Натиҷаҳои молекулавию генетикӣ бо маълумоти клиникии 200 нафар бемор муқоиса карда шуданд: 90 нафар гирифтори ДМП, 82 нафар гирифтори НИҲҲ, 11 нафар гирифтори АМС, 7 нафар гирифтори синдромҳои миотонӣ ва 10 нафар гирифтори ихтилолҳои ирсии интиқоли асабу мушакӣ буданд. Тақсимоти сустии мушакҳо, ихтилолҳои ҳаракатӣ ва ҳиссӣ, фаъолнокии КФК ва маълумоти таҳқиқоти электрофизиологӣ ба назар гирифта шуданд.

Дар гурӯҳи ДМП вариантҳои генҳои DMD, CAPN3, DYSF, SGCA, SGCB, SGCG, SGCD, FKRP ва генҳои дигари бо дистрофияҳои мушакӣ алоқаманд таҳлил карда шуданд. Тағйироти ошкоршуда бо сустии афзояндаи мушакҳо, маҳдудиятҳои ҳаракат ва фаъолнокии КФК, ки нишондиҳандаи лабораторӣ осебёбии мушакҳо мебошад, муқоиса гардиданд.

Дар гурӯҳи НИҲҲ тағйироти генҳои PMP22, MPZ, MFN2, GJB1, MTMR2 ва генҳои дигари нейропатияҳои ирсӣ баррасӣ гардида, бо атрофия ва

сустии мушакҳои дисталӣ, ихтилолҳои ҳиссиёт, суръати гузариши импулс тавассути асабҳои канорӣ ва дигар маълумоти ЭНМГ муқоиса карда шуданд.

Ҳангоми АМС тағйироти гени SMN1, аз ҷумла делетсияи гомозиготии экзони 7 ва шумораи нусхаҳои SMN2 таҳқиқ карда шуданд. Аз ҷиҳати клиникӣ тақсимоти сустии мушакҳо ва дараҷаи зуҳуроти ихтилолҳои ҳаракат тавсиф гардиданд. Барои муайян намудани вобастагии дараҷаи вазнинии беморӣ аз шумораи нусхаҳои SMN2 ин нишондиҳандаҳо бояд барои ҳар як бемор ба таври инфиродӣ муқоиса карда шаванд.

Ҳангоми синдромҳои миотонӣ генҳои CLCN1 ва SCN4A таҳқиқ гардида, натиҷаҳо бо миотония ва ихтилоли сустшавии шиддати мушакҳо муқоиса карда шуданд. Дар беморони гирифтори ихтилолҳои ирсии интиқоли асабу мушакӣ вариантҳои генҳои CHRNE ва RAPSN дар робита бо сустии мушакҳо ва хасташавии патологӣ арзёбӣ гардиданд.

Дар ҷадвал гурӯҳҳои клиникӣ бо генҳои таҳқиқшуда ва зуҳуроти хоси фенотипӣ муқоиса карда шудаанд. Ин маълумот вобастагии байни вариантҳои алоҳидаи генетикӣ ва дараҷаи вазнинии бемориро муайян намекунад: барои арзёбии чунин робита маълумоти инфиродӣ оид ба синни оғози беморӣ, дараҷаи сустии мушакҳо ва маҳдудиятҳои функсионалии ҳар як бемор зарур мебошад.

Дар ҳолати фенотипи ғайримуқаррарӣ таҳқиқоти генетикӣ метавонад ташхиси нозологиро дақиқ намуда, барои фарқ кардани бемориҳои дорои зуҳуроти ба ҳам монанд мусоидат намояд. Ин танҳо дар сурате имконпазир аст, ки тағйироти молекулавии ошкоршуда ба ҳолати неврологӣ ва маълумоти электрофизиологӣ мутобиқат кунад.

ХУЛОСАҲО

Муоинаи клиникӣ, генеалогӣ, электрофизиологӣ, биохимиявӣ ва молекулавию генетикӣ имкон дод, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1. Дар беморони муоинашудаи гурӯҳи тоҷикистонии аҳолӣ бемориҳои ирсии асабу мушакӣ аз ҷиҳати клиникӣ гуногуншакл мебошанд. Гурӯҳҳои нозологӣ аз рӯйи синни оғози беморӣ, тақсимшавии норасоии ҳаракат, хусусияти оғоз ва пешравии беморӣ, инчунин дараҷаи ихтилолҳои функсионалӣ аз ҳам фарқ мекарданд. Ба таҳқиқот дистрофияҳои пешравандаи мушакӣ, нейропатияҳои ирсии ҳаракатию ҳиссӣ, атрофияҳои спиналии мушакӣ, синдромҳои миотонӣ ва ихтилолҳои ирсии интиқоли асабу мушакӣ дохил карда шуданд. Азбаски баъзе аломатҳои фенотипӣ ҳангоми бемориҳои дорои этиологияи гуногун ба ҳам монанд мебошанд, муоина бояд бо усули тафриқавӣ гузаронида шавад.

2. Дар гурӯҳи таҳқиқшуда шаклҳои аутосомию ретсессивии БИАМ бартарӣ доштанд ва ғуншавии оилавии ҳолатҳои беморӣ низ муайян карда шуд. Ҳангоми таҳлили хусусиятҳои ирсият мо сохтори оила, минтақаи баромад ва омилҳои этногеографиеро, ки бо зуҳуроти клиникии шаклҳои алоҳидаи бемориҳои ирсӣ алоқаманд мебошанд, ба назар гирифтем. Ин маълумот аҳаммияти муоинаи клиникию генеалогӣ ва машварати тиббию генетикии оилаҳоро, махсусан дар ҳолатҳои такроршавии беморӣ, тасдиқ менамояд.

3. Муқоисаи ҳолати неврологӣ ва таърихи беморӣ дар оила бо натиҷаҳои ЭНМГ, ЭМГ-и сузанӣ ва нишондиҳандаҳои осебёбии мушакҳо аҳаммияти ташхисӣ дорад. Чунин муқоиса барои аз ҳам фарқ намудани шаклҳои миопатӣ, нейропатӣ ва синапсии осебёбии системаи асабу мушакҳо ва интихоби усули минбаъдаи молекулавию генетикӣ мусоидат менамояд. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот усули марҳилавии муоинаи беморони эҳтимолан гирифтори БИАМ пешниҳод карда шуд.

4. Бори аввал барои гурӯҳи беморони муоинашуда аз ҶТ тавсифи маҷмуии спектри молекулавию генетикии БИАМ пешниҳод гардид. Вариантҳои патогенӣ ва эҳтимолан патогении генҳои DMD, SMN1/SMN2,

PMP22, CAPN3, CLCN1, SCN4A ва генҳои дигари бо шаклҳои нозологии таҳқиқшуда алоқаманд ошкор карда шуданд. Гуногуншаклии тағйироти муайяншуда аз нобаробарии генетикии гурӯҳи клиникии таҳқиқшуда шаҳодат дода, барои таҳқиқоти минбаъдаи муқоисавии бемориҳои ирсӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ маводи илмӣ фароҳам меорад.

5. Гуногуншаклии робитаҳои генотипию фенотипӣ ҳангоми бемориҳои ирсии асабу мушакӣ муайян карда шуд. Фенотипи клиникии шабеҳ метавонад бо сабабҳои гуногуни молекулавӣ алоқаманд бошад; ҳангоми мавҷудияти як варианти патогенӣ низ фарқиятҳо дар синни оғози беморӣ, дараҷаи зуҳурёбии ихтилолҳои ҳаракат ва суръати пешравӣ имконпазиранд. Ба зуҳуроти клиникӣ омилҳои синнусолӣ, генетикӣ, эпигенетикӣ ва муҳити беруна метавонанд таъсир расонанд. Аз ин рӯ, барои арзёбии ташхис, пешгӯйии беморӣ ва интихоби тактикаи назорат натиҷаҳои молекулавиро бо манзараи клиникии инфиродии бемор муқоиса намудан зарур аст.

6. Аҳаммияти тасдиқи молекулавию генетикӣ ҳамчун ҷузъи таркибии ташхиси БИАМ исбот карда шуд. Варианти патогении ошкоршуда бояд дар маҷмуъ бо фенотипи клиникӣ, таърихи беморӣ дар оила, маълумоти электрофизиологӣ ва лабораторӣ арзёбӣ карда шавад. Чунин муқоиса ташхиси этиологӣ ва навъи ирсиятро дақиқ намуда, барои тафсири робитаҳои генотипию фенотипӣ, муайян намудани нишондодҳо барои муоинаи хешовандон ва назорати минбаъдаи бемор мусоидат менамояд.

7. Консепсияи ташхиси маҷмуии клиникию молекулавии БИАМ таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд. Он арзёбии пайдарпайи фенотип, собиқаи оилавӣ, нишондиҳандаҳои электрофизиологӣ ва биохимиявӣ, интихоби усули мувофиқи генетикӣ ва тафсири натиҷаҳои онро пешбинӣ менамояд. Консепсияи мазкур барои такмили ошкорсозии барвақтии бемориҳои ирсӣ, машварати тиббию генетикӣ ва назорати инфиродии беморон

пешбинӣ шудааст. Татбиқи он инчунин метавонад заминаи илмии ташкили феҳристи миллии беморони гирифтори БИАМ ва рушди минбаъдаи ёрии махсусгардонидашудаи неврологӣ дар ҶТ гардад.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳангоми ташкили ташхис, машварати тиббию генетикӣ ва назорати дарозмуддати беморони гирифтори БИАМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шаванд. Самтҳои асосии истифодаи амалии натиҷаҳо дар зер оварда шудаанд.

1. Алгоритми ташхиси БИАМ. Дар амалияи махсусгардонидашудаи неврологӣ риояи пайдарпайии марҳилаҳои муоина мувофиқи мақсад мебошад: муоинаи клиникӣ ва генеалогӣ, ЭНМГ, усулҳои лабораторӣ ва аз рӯйи нишондодҳо таҳқиқоти молекулавию генетикӣ (MLPA, NGS, WES). Ҳангоми манзараи клиникии ғайримуқаррарӣ санҷидани мутобиқати тағйироти генетикии ошкоршуда ба фенотип аҳаммияти махсус дорад. Таъсири пайдарпайии пешниҳодшуда ба дақиқӣ ва муҳлати ташхис бояд пас аз татбиқи он арзёбӣ карда шавад.

2. Дастрасии ташхиси молекулавию генетикӣ. Барои бемороне, ки нисбат ба мавҷудияти бемории ирсии асабу мушакӣ гумони асоснок вуҷуд дорад, зарур аст, ки аз рӯйи нишондодҳо имконияти гузаронидани таҳқиқоти генетикии мақсаднок ё васеъ фароҳам оварда шавад. Ҳангоми тасдиқ гардидани этиологияи беморӣ зарурати муоинаи хешовандон муайян карда шуда, навъи ирсият дақиқ ва натиҷаҳо дар машварати тиббию генетикӣ истифода бурда мешаванд. Тасдиқи барвақтии молекулавӣ пеш аз ҳама барои он шаклҳои нозологие аҳаммияти бештар дорад, ки барои онҳо табобати махсус вуҷуд дорад.

3. Алгоритмҳои ягонаи клиникӣ. Ба муассисаҳои тиббии ҶТ тавсия дода мешавад, ки меъёрҳои равон намудани беморон ба муоина, тартиби гузаронидани таҳқиқоти неврологӣ, электрофизиологӣ, биохимиявӣ ва молекулавӣ, инчунин принсипҳои назорати динамикиро ҳамоҳанг созанд. Стандартикунонӣ барои муқоисапазир гардидани хулосаҳои ташхисии муассисаҳои минтақаҳои гуногун зарур мебошад; самаранокии он бояд тавассути арзёбии натиҷаҳои татбиқи амалӣ муайян карда шавад.

4. Машварати тиббию генетикӣ. Ҳангоми муайян гардидани сабаби молекулавии БИАМ таҳлили таърихи беморӣ дар оила ва муайян намудани хешовандоне, ки ба муоина ниёз доранд, пеш аз ҳама хешовандони дараҷаи якуми хешутаборӣ, тавсия дода мешавад. Мавзуъҳои машварат аз навъи ирсият ва маълумоти генетикии оила вобаста буда, хатари репродуктивӣ ва мувофиқи мақсад будани муоинаи шахсони дорои аломатҳои кам зуҳурёфтаро дар бар мегиранд. Ҳолати ҳомилии варианти генетикӣ бояд бо усулҳои лабораторӣ тасдиқ гардида, натиҷаи он ба таври дуруст тафсир карда шавад.

5. Феҳристи миллии БИАМ. Таъсиси низоми иттилоотии ҳифзшуда пешниҳод мегардад, ки дар он маълумот оид ба ташхисҳои тасдиқшуда, фенотипҳо, синни оғози беморӣ, таърихҳои оилавии беморӣ ва вариантҳои генетикӣ ҷамъоварӣ карда мешаванд. Чунин махзани маълумот ба гузаронидани назорати динамикӣ ва таҳлили сохтори ҳолатҳои бақайдгирифташуда мусоидат менамояд. Барои ҳисоб намудани паҳншавии бемориҳо дар асоси ин маълумот муайян намудани фарогирии аҳолӣ ва истифодаи меъёрҳои ягонаи бақайдгирӣ зарур мебошад. Феҳрист ҳам барои банақшагирии ёрии тиббӣ ва ҳам барои гузаронидани таҳқиқоти нав муфид хоҳад буд.

6. Назорати байнисоҳавӣ. Дар пешбурди бемор вобаста ба шакли нозологӣ ва ихтилолҳои ошкоршуда бояд асабшинос, генетики тиббӣ ва мутахассиси ташхиси функсионалӣ, инчунин аз рӯйи нишондодҳо кардиолог, пулмонолог, ортопед ва дигар табибон иштирок намоянд. Ин барои арзёбии зуҳуроти ҳаракатӣ ва системавии беморӣ, ҳамоҳангсозии тактикаи ташхис ва таҳияи нақшаи инфиродии назорати бемор зарур мебошад.

7. Фаъолияти илмӣ ва таълимӣ. Натиҷаҳои диссертатсия ва консепсияи клиникию молекулавиро метавон ҳангоми омодасозии асабшиносон, генетикҳои тиббӣ ва мутахассисони ташхиси функсионалӣ, аз ҷумла дар таҳсилоти баъдидипломӣ, истифода бурд. Онҳо инчунин барои таҳияи дастурҳои методӣ ва тавсияҳои клиникии миллӣ, ба шарте ки аз экспертизаи зарурии соҳавӣ гузаранд, муфид хоҳанд буд.

Тадбирҳои мазкур бояд ба беҳтар гардидани ташхиси этиологии БИАМ, машварати оилавӣ ва назорати диспансерии беморон дар ҶТ мусоидат намоянд. Барои татбиқи онҳо банақшагирии ташкилӣ, арзёбии дастрасии усулҳои зарурӣ ва назорати минбаъдаи натиҷаҳои ташхисӣ ва клиникӣ зарур мебошад.

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда

[1-А]. Ганиева М. Т. Эффективность реабилитации при двигательных расстройствах у больных с наследственными заболеваниями нервной системы [Текст] / Р. А. Рахмонов, Т. В. Мадаминова // Здравоохранение Таджикистана. - Душанбе, 2016. - № 3. - С. 111-115. - УДК 616.8; ББК 57.33; ISSN 0514-2415.

[2-А]. Ганиева М. Т. Случай болезни Маринеску-Шегрена [Текст] / Р. А. Рахмонов, М.Дж. Исокова, Т.В. Мадаминова // Вестник последипломного

образования в сфере здравоохранения РТ. - Душанбе, 2016. - Т. 18, № 3. - С. 86-94. - УДК 616.8; ББК 56.12; ISSN 2414-0252.

[3-А]. Ганиева М. Т., Косимова Д. У., Хошимов Р. А., Исокова М. Дж., Зуурбекова Д. П. Клинико-генетические аспекты ишемического инсульта в Таджикистане [Текст] // Вестник Академии медицинских наук Таджикистана. - Душанбе, 2019. - № 3. - Т. 31. - С. 5-8. - УДК 616.8; ББК 56.12; ISSN 2221-7355.

[4-А]. Ganieva M. T., Henry Houlden, Rauan Kaiyrzhanov et al. PDXK Mutations Polyneuropathy responsive to Pyridoxal 5-Phosphate Supplementation [Text] // ANNALS of Neurology. - London, 2019. - № 2. - Vol. 143. - P. 225-240.

[5-А]. Ganieva M. T., Henry Houlden, Rauan Kaiyrzhanov et al. AMPA receptor GluA2 subunit defects are a cause of neurodevelopmental disorders [Text] // Nature Communications. - London, 2019. - № 3. - Vol. 1. - P. 1-16.

[6-А]. Ganieva M. T., Rauan Kaiyrzhanov et al. Parkinson's disease in Central Asian and Transcaucasian Countries: a review of epidemiology, genetics, clinical characteristics and access to care [Text] // Hindawi, Parkinson’s Disease. - London, 2019. - № 7. - P. 1-6.

[7-А]. Ганиева М. Т., Исрофилов М. О., Исокова М. Дж., Мадаминова Т. В., Рабоева Ш. Р. Спастическая атаксия Шарлевуа-Саганэ типа SACS [Текст] // Симург. - Душанбе, 2020. - № 3. - Т. 7. - С. 76-79. - УДК 616.8; ББК 56.12; ISSN 2707-9562.

[8-А]. Ганиева М. Т., Исрофилов М. О., Исокова М. Дж., Рабоева Ш. Р. Адренолейкодистрофия [Текст] // Симург. - Душанбе, 2020. - № 3. - Т. 7. - С. 72-75. - УДК 616.053; ББК 57.33; ISSN 2707-9562.

[9-А]. Ганиева М. Т., Исокова М. Дж., Исрофилов М. О., Асилова Н. Г. Вопросы классификации наследственных нейро-мышечных заболеваний [Текст] //

Симург. - Душанбе, 2021. - № 3. - Т. 11. - С. 55-66. - УДК 616.8; ББК 56.12; ISSN 2707-9562.

[10-А]. Ғаниева М. Т., Асилова Н. Ғ., Қурбонова М. Б., Фирузаи И. Мисолҳои клиникии ташхиси параплегияҳои спастикӣ… [Текст] // Авҷи Зуҳал. - Душанбе, 2022. - № 3. - С. 75-79. - УДК 616.8; ББК 56.12; ISSN 2616-5252.

[11-А]. Ганиева М. Т. Болезнь Шарко-Мари-Тута: комплексный анализ здоровья, генетических и электрофизиологических аспектов [Текст] // Симург. - Душанбе, 2025. - № 1. - Т. 25. - С. 55-58. - УДК 616.8; ББК 56.12; ISSN 2707-9562.

[12-А]. Ганиева М. Т. Роль одновременного определения концентрации креатинкиназы и миоглобина в сыворотке крови… [Текст] // Симург. - Душанбе, 2025. - № 1. - Т. 25. - С. 55-58. - УДК 616.8; ББК 56.12; ISSN 2707-9562.

[13-А]. Ганизода М. Т. Клиническая оценка спинальной мышечной атрофии на основе шкальных методов анализа двигательных функций… [Текст] // Симург. - Душанбе, 2025. - № 2. - Т. 26. - С. 101-105. - УДК 616.8; ББК 56.12; ISSN 2707-9562.

[14-А]. Ганиева М. Т. Мультифокальная моторная нейропатия как мимика бокового амиотрофического склероза… [Текст] // Симург. - Душанбе, 2025. - № 2. - Т. 26. - С. 105-109. - УДК 616.8; ББК 56.12; ISSN 2707-9562.

Мақолаҳо ва фишурдаҳо дар маҷмуаҳои конференсияҳо

[15-А]. Ғаниева М. Т., Раҳмонов Р. А., Исоқова М. Ҷ., Мадаминова Т. В. Оқибати издивоҷи хун. Аз нигоҳи илми муосир [Текст] // Авҷи Зуҳал. - Душанбе, 2016. - № 3. - С. 61-63. - УДК 616.8; ББК 57.3.

[16-А]. Исокова М. Дж., Ганиева М. Т., Мадаминова Т. В., Зуурбекова Д. П. Наследственные заболевания нервной системы - актуальная проблема здравоохранения Таджикистана [Текст] // Достижения и проблемы фундаментальной науки и клинической медицины: материалы 67-ой конференции…. - Душанбе: Изд-во Медуниверситета, 2019. - С. 79.

[17-А]. Ганиева М. Т., Хошимов Р. А., Косимова Д. Г., Исоева М. Б. Частота и структура наследственных заболеваний нервной системы в районе Турсунзаде [Текст] // Вестник последипломного образования в сфере здравоохранения. - Душанбе, 2019. - № 1. - С. 5.

[18-А]. Ганиева М. Т., Исокова М. Дж., Рабоева Ш. Р. Наследственные мышечные дистрофии: понятие, дифференциальная диагностика, перспективы лечения [Текст] // Достижения и проблемы фундаментальной науки и клинической медицины: материалы 68-ой конференции…. - Душанбе: Изд-во Медуниверситета, 2020. - С. 60.

[19-А]. Ганиева М. Т., Тоджиддинов Т. Б., Исокова М. Дж. Липоидный протеиноз Урбаха-Вите [Текст] // Достижения и проблемы фундаментальной науки и клинической медицины: материалы 68-ой конференции…. - Душанбе: Изд-во Медуниверситета, 2020. - С. 62.

[20-А]. Зуурбекова Д. П., Ганиева М. Т., Холматова Г. К. Аутосомно-рецессивный тип спастической параплегии (SPG-65) [Текст] // Достижения и проблемы фундаментальной науки и клинической медицины: материалы 68-ой конференции…. - Душанбе: Изд-во Медуниверситета, 2020. - С. 88.

[21-А]. Мадаминова Т. В., Ганиева М. Т. Эффективность реабилитации больных с наследственными заболеваниями нервной системы [Текст] //

Достижения и проблемы фундаментальной науки и клинической медицины: материалы 68-ой конференции…. - Душанбе: Изд-во Медуниверситета, 2020. - С. 139.

[22-А]. Исокова М. Дж., Ганиева М. Т., Мадаминова Т. В., Рабоева Ш. Р. Баҳои самаранокии муолиҷаи беморони мубталои мушакбеҳолии козиби Дюшен бо маводи преднизолон [Текст] // Достижения и проблемы фундаментальной науки и клинической медицины: материалы 68-ой конференции…. - Душанбе: Изд-во Медуниверситета, 2020. - С. 79.

[23-А]. Ганиева М. Т., Фирузаи И., Назарова М. Б. Спастические параплегии: диагностика и молекулярно-генетическое обследование [Текст] // Достижения и проблемы фундаментальной науки и клинической медицины: материалы 69-ой конференции (17 ноября 2021 г.). - Душанбе: Изд-во Медуниверситета, 2021. - С. 467.

[24-А]. Фирузаи И., Ганиева М. Т., Назарова М. Б. Воспалительные демиелинизирующие полиневропатии у детей: принципы диагностики и терапии [Текст] // Достижения и проблемы фундаментальной науки и клинической медицины: материалы 69-ой конференции…. - Душанбе: Изд-во Медуниверситета, 2021. - С. 540.

[25-А]. Ганиева М. Т., Хайдарова У. З., Асилова Н. Г. Спинальная мышечная амиотрофия (мономелическая амиотрофия) [Текст] // Современная медицина: традиции и инновации: материалы 70-й конференции…. - Душанбе, 2022. - С. 49.

[26-А]. Ганиева М. Т., Исрофилов М. О., Асилова Н. Г. Наследственный спастический парапарез: реальный опыт амбулаторной клиники неврологии

[Текст] // Современная медицина: традиции и инновации: материалы 70-й конференции…. - Душанбе, 2022. - С. 53.

[27-А]. Ганиева М. Т., Миркосимова М. Н. Клинический случай энцефалопатии Кинсбурна [Текст] // Современная медицина: традиции и инновации: материалы 71-й конференции…. - Душанбе, 2023. - С. 568.

Монография

[28-А]. Ганизода М. Т. Наследственные заболевания нервной системы в таджикской популяции - наследственные нейромышечные заболевания: монография / М. Т. Ганизода М. Т., Исрофилзода М. О., Зарифи Н. А., Асилова Н. Г., Курбанова М. Н.; Гос. образоват. учреждение Таджикский гос. мед. ун-т им. Абуали ибни Сино. - Душанбе: Типография ООО Сармад-Компания, 2025. - 209 с. - УДК 616.8-009.1-053.1-08; ББК 56.12; ISBN 978-99985-52-38-8.

Дастурамалҳои таълимӣ

[29-А]. Ганиева, М. Т. Наследственные нейромышечные заболевания: учебное пособие / М. Т. Ганиева; Гос. образоват. учреждение «ТГМУ им. Абуали ибни Сино». - Душанбе: Типография ООО Сармад-Компания, 2021. - 95 с. - УДК 616.74; ББК 56.12; ISBN 978-99985-52-38-8. - Решение учебно-методического совета ГОУ «ТГМУ им. Абуали ибни Сино» от 31.03.2021, № 7.

[30-А]. Ғаниева, М. Т. Бемориҳои ирсии асабию мушакӣ: дастурамали методӣ / М. Т. Ғаниева, М. Ҷ. Исоқова; МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино». - Душанбе: Матбааи Сармад-Компания, 2019. - 43 с. - УДК 616.74; ББК 56.12; ISBN 978-5-98811-382-9. - Қарори шурои илмӣ-методии МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» аз 21.05.2019, № 9.

[31-А]. Ғаниева, М. Т. Алоими Гийена-Барре: коркарди методӣ / М. Т. Ғаниева, Р. А. Раҳмонов, М. Ҷ. Исоқова; МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино». -

Душанбе: Матбааи Сармад-Компания, 2017. - 19 с. - УДК 616.833; ББК 56.12; ISBN 978-5-98322-783-5. - Қарори шурои илмӣ-методии МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» аз 30.11.2017, № 3.

Пешниҳодҳои ратсионализаторӣ

[32-А]. Ғаниева, М. Т. Усули истифодаи плазмаферез дар табобати маҷмуии полинейропатияҳои дизиммунӣ: пешниҳоди ратсионализаторӣ/ М. Т. Ғаниева, И. Фирузаи, М. Б. Исаева. - № 3448/R836; аз ҷониби МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» с. 2022 дода шудааст.

[33-А]. Ғаниева, М. Т. Истифодаи вояҳои баланди иммуноглобулин ҳангоми полинейропатияҳои дизиммунӣ: пешниҳоди ратсионализаторӣ/ М. Т. Ғаниева, И. Фирузаи, М. О. Исрофилов. - № 3449/R837; аз ҷониби МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» с. 2022 дода шудааст.

[34-А]. Ғаниева М.Т. Ҷорӣ кардани технологияҳои муосир дар ташхис ва табобати бемориҳои ирсии асабу мушакӣ [Матн]: пешниҳоди ратсионализаторӣ/ М. О. Исрофилов, М. Т. Ғаниева, Н. А. Зарифӣ. - Душанбе, 2024. - № 3607/R-1095. - Аз ҷониби МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» дода шудааст.

[35-А]. Ғаниева М.Т. Усули таҳияи барномаҳои интегративии идора кардани бемориҳои ирсии асабу мушакӣ [Матн]: пешниҳоди ратсионализаторӣ/ М. О. Исрофилов, М. Т. Ғаниева, Н. А. Зарифӣ. - Душанбе, 2024. - № 3608/R-1096. - Аз ҷониби МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» дода шудааст.

РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО, АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АД - навъи аутосомӣ-доминантии ирсият

АР - навъи аутосомӣ-ретсессивии ирсият

ММ – миопатияҳои модарзодӣ

ДНК - кислотаи дезоксирибонуклеинӣ

КФК - креатинфосфокиназа

ЛДГ - лактатдегидрогеназа

МТГ - машварати тиббии генетикӣ

ММ - миопатияҳои митохондрӣ

См - синдромҳои миотонӣ

БИСА - бемориҳои ирсии системаи асаб

МИ - ихтилолҳои ирсии интиқоли асабу мушакӣ (миастенияҳои ирсӣ)

НИҲҲ - нейропатияҳои ирсии ҳаракатӣ-ҳиссӣ

БИАМ - бемориҳои ирсии асабу мушакӣ

ДМП - дистрофияҳои мушакии пешраванда

РЗП - реаксияи занҷири полимеразӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

СМА - атрофияи мушакҳои спиналӣ

ЭМГ - электромиография

ЭНМГ - электронейромиография

ACMG (American College of Medical Genetics and Genomics) - Коллегияи генетика ва геномикаи тиббии Амрико

MLPA (Multiplex Ligation-dependent Probe Amplification) - амплификатсияи мултиплексии лигаза-вобастаи зондҳо

NGS (Next Generation Sequencing) - секвенсиякунонии насли нав

WES (Whole Exome Sequencing) – секвенсиякунонии пурраэкзомӣ

CAPN3 - гени калпаин-3

CLCN1 – гени ба потенсиал вобастаи канали хлории мушакҳои скелетӣ

DMD - гени дистрофин

GAA - гени α-глюкозидазаи турш

PMP22 – гени сафедаи миелинии периферӣ 22

SCN4A - гени α-субъвоҳид канали ба потенсиал вобастаи натрийии мушакҳои скелетӣ

SMN1 - гени зиндамонии мотонейрон 1

SMN2 - гени зиндамонии мотонейрон 2

АННОТАЦИЯ

ГАНИЗОДА МАНИЖА ТЕМУРОВНА

«КЛИНИКО-МОЛЕКУЛЯРНО-ГЕНЕТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ НАСЛЕДСТВЕННЫХ НЕРВНО-МЫШЕЧНЫХ ЗАБОЛЕВАНИЙ В ТАДЖИКСКОЙ ПОПУЛЯЦИИ»

Ключевые слова: ННМЗ, ПМД, НМСН, СМА, Мс, НМ, молекулярно-генетическая диагностика, типы наследования, таджикская популяция.

Цель исследования. изучить клинические и молекулярно-генетические особенности ННМЗ в таджикской популяции, включая структуру клинических форм, типы наследования и спектр генетических вариантов.

Материал и методы исследования. Обследованы 200 пациентов из 75 семей в возрасте от 1 года до 60 лет. Исследование проводили на кафедре неврологии и основ медицинской генетики ТГМУ имени Абуали ибни Сино.

Использовали клинико-неврологическое и генеалогическое обследование, ЭНМГ, игольчатую ЭМГ, биохимические и молекулярно-генетические методы (NGS, MLPA, ПЦР). Данные анализировали статистическими методами.

Полученные результаты и их новизна. ПМД выявлены у 90 пациентов (45,0%), НМСН у 82 (41,0%), СМА у 11 (5,5%), Мс у 7 (3,5%), НМ у 10 (5,0%). ПМД и НМСН составили 86,0% выборки. У 160 пациентов (80,0%) заболевание началось до 18 лет включительно. Наиболее частый возраст дебюта 6–11 лет (61 пациент; 30,5%). Повторные случаи выявлены в 24 из 75 семей (32,0%), кровнородственные браки в 11 (14,7%). В общей группе преобладал АР тип наследования 106 пациентов (53,0%); АД тип выявлен у 54 (27,0%), Х-сцепленный у 40 (20,0%). Соотношение типов наследования различалось между клиническими группами. Молекулярно-генетическое исследование включало гены *DMD, CAPN3, PMP22, MPZ, MFN2, GJB1, SMN1/SMN2, CLCN1, SCN4A, CHRNE* и *RAPSN*. Выявлены SNV, делеции, дупликации и indel. Генетические результаты сопоставляли с клиническими проявлениями и семейным анамнезом. Впервые в РТ проведена комплексная клинико-молекулярно-генетическая характеристика пяти групп ННМЗ в таджикской популяции. Описаны структура обследованной группы, особенности наследования и спектр выявленных генетических вариантов; изучены их взаимосвязи с клиническими проявлениями. Результаты могут применяться для совершенствования диагностики ННМЗ и медико-генетического консультирования. Комплексный подход объединяет клиническую и генеалогическую оценку, ЭНМГ, биохимические исследования и молекулярно-генетическую верификацию. Полученные данные также могут использоваться при разработке диагностических алгоритмов и формировании национального регистра пациентов с ННМЗ в РТ.

Рекомендации по использованию. При диагностике ННМЗ рекомендуется сопоставлять клинические проявления, семейный анамнез, результаты ЭНМГ и биохимических исследований. Выбор молекулярно-генетического тестирования следует определять с учётом предполагаемой нозологической формы. Данные исследования могут применяться при медико-генетическом консультировании семей, решении вопроса об обследовании родственников и разработке диагностических алгоритмов ННМЗ в РТ. Материалы исследования могут использоваться при преподавании неврологии и медицинской генетики.

Область применения: неврология, медицинская генетика, клиническая нейрогенетика.

АННОТАТСИЯ
ҒАНИЗОДА МАНИЖА ТЕМУРОВНА
«ХУСУСИЯТҲОИ КЛИНИКИЮ МОЛЕКУЛАВИЮ ГЕНЕТИКИИ БЕМОРИҲОИ ИРСИИ АСАБУ МУШАКӢ ДАР АҲОЛИИ ТОҶИКИСТОН»

Калимаҳои калидӣ: БИАМ, ДМП, НИҲҲ, АМС, См, МИ, ташхиси молекулавию генетикӣ, навъҳои ирсият, аҳолии тоҷикистонӣ.

Мақсади таҳқиқот. Омӯзиши хусусиятҳои клиникӣ ва молекулавию генетикии БИАМ дар гурӯҳи аҳолии тоҷикистонӣ, аз ҷумла сохтори шаклҳои клиникӣ, навъҳои ирсият ва гуногунии вариантҳои генетикӣ.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. 200 нафар бемор аз 75 оила, ки синнашон аз 1 то 60 солро ташкил медод, муоина карда шуданд. Таҳқиқот дар кафедраи асабшиносӣ ва асосҳои ирсияти тиббии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино гузаронида шуд. Усулҳои муоинаи клиникию неврологӣ ва генеалогӣ, ЭНМГ, ЭМГ-и сузанӣ, инчунин усулҳои биохимиявӣ ва молекулавию генетикӣ (NGS,

MLPA, РЗП) истифода гардиданд. Маълумоти бадастомада бо усулҳои оморӣ таҳлил карда шуд.

Натиҷаҳои бадастомада ва навгонии илмии онҳо. ДМП дар 90 бемор (45,0%), НИҲҲ дар 82 нафар (41,0%), АМС дар 11 нафар (5,5%), См дар 7 нафар (3,5%) ва МИ дар 10 нафар (5,0%) муайян карда шуданд. ДМП ва НИҲҲ дар маҷмуъ 86,0%-и гурӯҳи таҳқиқшударо ташкил доданд. Дар 160 бемор (80,0%) беморӣ то синни 18-солагӣ (бо баҳисобгирии 18-солагӣ) оғоз ёфтааст. Синни бештар мушоҳидашудаи оғози беморӣ ба 6–11-солагӣ рост омад (61 бемор; 30,5%). Ҳолатҳои такрории беморӣ дар 24 аз 75 оила (32,0%) ва никоҳҳои хешутаборӣ дар 11 оила (14,7%) муайян карда шуданд. Дар гурӯҳи умумӣ навъи АР-и ирсият бартарӣ дошт, ки дар 106 бемор (53,0%) мушоҳида гардид; навъи АД-и ирсият дар 54 нафар (27,0%) ва навъи ирсияти Х-пайваст дар 40 нафар (20,0%) муайян карда шуд. Таносуби навъҳои ирсият дар байни гурӯҳҳои клиникӣ фарқ мекард. Таҳқиқоти молекулавию генетикӣ генҳои DMD, CAPN3, PMP22, MPZ, MFN2, GJB1, SMN1/SMN2, CLCN1, SCN4A, CHRNE ва RAPSN-ро дар бар гирифт. Вариантҳои SNV, делетсияҳо, дупликатсияҳо ва indel ошкор карда шуданд. Натиҷаҳои генетикӣ бо зуҳуроти клиникӣ ва анамнези оилавӣ муқоиса карда шуданд. Бори аввал дар ҶТ тавсифи маҷмуии клиникию молекулавию генетикии панҷ гурӯҳи БИАМ дар гурӯҳи аҳолии тоҷикистонӣ анҷом дода шуд. Сохтори гурӯҳи беморони муоинашуда, хусусиятҳои ирсият ва ҳамаи вариантҳои генетикии ошкоршуда тавсиф гардида, робитаи онҳо бо зуҳуроти клиникӣ омӯхта шуд. Натиҷаҳо метавонанд барои такмили ташхиси БИАМ ва машварати тиббию генетикӣ истифода шаванд. Равиши маҷмуӣ арзёбии клиникӣ ва генеалогӣ, ЭНМГ, таҳқиқоти биохимиявӣ ва тасдиқи молекулавию генетикиро муттаҳид менамояд. Маълумоти бадастомада инчунин метавонад ҳангоми таҳияи

алгоритмҳои ташхисӣ ва ташкили феҳристи миллии беморони гирифтори БИАМ дар ҶТ истифода гардад.

Тавсияҳо оид ба истифода. Ҳангоми ташхиси БИАМ муқоисаи зуҳуроти клиникӣ, анамнези оилавӣ, натиҷаҳои ЭНМГ ва таҳқиқоти биохимиявӣ тавсия дода мешавад. Интихоби усули таҳқиқоти молекулавию генетикӣ бояд бо дарназардошти шакли эҳтимолии нозологии беморӣ муайян карда шавад. Маълумоти таҳқиқот метавонад ҳангоми пешниҳоди машварати тиббию генетикӣ ба оилаҳо, ҳалли масъалаи зарурати муоинаи хешовандон ва таҳияи алгоритмҳои ташхиси БИАМ дар ҶТ истифода гардад. Маводи таҳқиқотро инчунин ҳангоми таълими фанҳои асабшиносӣ ва генетикаи тиббӣ истифода бурдан мумкин аст.

Соҳаи татбиқ: неврология, генетикаи тиббӣ, нейрогенетикаи клиникӣ.

ABSTRACT

GANIZODA MANIZHA TEMUR

“CLINICAL, MOLECULAR AND GENETIC FEATURES OF HEREDITARY NEUROMUSCULAR DISEASES IN THE TAJIK POPULATION”

Keywords: hereditary neuromuscular diseases, progressive muscular dystrophies, hereditary motor and sensory neuropathies, spinal muscular atrophy, myotonic syndromes, hereditary disorders of neuromuscular transmission, molecular genetic diagnostics, modes of inheritance, Tajik population.

Objective of the study. To investigate the clinical, molecular and genetic features of hereditary neuromuscular diseases in the Tajik population, including the distribution of clinical forms, modes of inheritance and spectrum of genetic variants.

Materials and methods. A total of 200 patients from 75 families, aged 1 to 60 years, were examined. The study was conducted at the Department of Neurology and Fundamentals of Medical Genetics of Avicenna Tajik State Medical University.

The research methods included clinical and neurological examination, genealogical analysis, electroneuromyography (ENMG), needle electromyography (EMG), biochemical investigations and molecular genetic testing using next-generation sequencing (NGS), multiplex ligation-dependent probe amplification (MLPA) and polymerase chain reaction (PCR). The collected data were analyzed using statistical methods.

Results and scientific novelty. Progressive muscular dystrophies (PMDs) were identified in 90 patients (45.0%), hereditary motor and sensory neuropathies (HMSNs) in 82 (41.0%), spinal muscular atrophy (SMA) in 11 (5.5%), myotonic syndromes in 7 (3.5%) and hereditary disorders of neuromuscular transmission in 10 (5.0%). PMDs and HMSNs together accounted for 86.0% of the study population. Disease onset occurred by the age of 18 years, inclusive, in 160 patients (80.0%). The most frequently observed age of onset was 6–11 years (61 patients; 30.5%). Recurrent cases within families were identified in 24 of the 75 families (32.0%), while consanguineous marriages were reported in 11 families (14.7%).

Autosomal recessive inheritance predominated in the overall study group, accounting for 106 patients (53.0%). Autosomal dominant inheritance was identified in 54 patients (27.0%), and X-linked inheritance in 40 (20.0%). The distribution of inheritance patterns differed across the clinical groups.

Molecular genetic testing included the analysis of the DMD, CAPN3, PMP22, MPZ, MFN2, GJB1, SMN1/SMN2, CLCN1, SCN4A, CHRNE and RAPSN genes. Single-nucleotide variants (SNVs), deletions, duplications and insertions/deletions (indels) were identified. Genetic findings were compared with clinical manifestations and family history.

For the first time in the Republic of Tajikistan, a comprehensive clinical, molecular and genetic characterization of five groups of hereditary neuromuscular diseases was performed in the Tajik population. The structure of the examined patient cohort,

inheritance patterns and spectrum of identified genetic variants were characterized, and their relationships with clinical manifestations were investigated.

The findings may contribute to improving the diagnosis of hereditary neuromuscular diseases and the quality of medical genetic counselling. The comprehensive diagnostic approach integrates clinical and genealogical assessment, ENMG, biochemical investigations and molecular genetic verification. The results may also be used in the development of diagnostic algorithms and the establishment of a national registry of patients with hereditary neuromuscular diseases in the Republic of Tajikistan.

Recommendations for practical application. In diagnosing hereditary neuromuscular diseases, it is recommended that clinical manifestations, family history, ENMG findings and biochemical investigation results be assessed together. The choice of molecular genetic testing should be guided by the suspected nosological form of the disease.

The study findings may be used in medical genetic counselling of families, in determining the need for examination of relatives, and in developing diagnostic algorithms for hereditary neuromuscular diseases in the Republic of Tajikistan. The research materials may also be incorporated into the teaching of neurology and medical genetics.

Field of application: neurology, medical genetics, clinical neurogenetics.